РУШДИ ТАНДУРУСТӢ ВА ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ с. 8
БОЛОРАВИИ НАРХИ ХОНАИ ИҶОРА ДАР ПОЙТАХТ с. 6
ҚАЛЪАИ ДУШАНБЕ КАЙ ЭҲЁ МЕШАВАД? с. 5

# ТОҶИКИСТОН

№43 (1606), 23.10.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якто аст! Оғози нашр соли 1992





# ҲУШДОР БА МУҲОҶИРОН

## 120 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон дар Русия ба рӯйхати қонунвайронкунандагон ворид шуданд

**МАҶМААИ ИСТИРОҲАТИИ «ВАРЗОБ РИВЕРА»**

ШИРКАТИ "СЕБИСТОН" ДАР ЗЕБОТАРИН МИНТАҚА - ЛАБИ ДАРЁИ ВАРЗОБ ПОИҲАИ БЕНАЗИРИ ТАУНХАУСИ "ВАРЗОБ РИВЕРА"- РО ПЕШНИҲОД МЕКУНАД:

СЕБИСТОН-2018 — ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —



- *Табиат ва ҳавои тоза, беҳтарин шароит барои зиндагӣ ва истироҳат;*
- *Таунхаусҳо бо дизайни аврупоӣ ва мебелу техникаи муосир;*
- *Ҳавзи шиноварӣ, варзишгоҳ, майдонҳои сайругашт ва машқу бозии кӯдакон;*
- *Таъмини бехатарии таунхаусҳо, осоиши ҳар сокини он, нигаҳбонии 24/7;*

Ин ҳама дар таунхауси «Варзоб Ривера», километри 38 уми роҳи Варзоб

БАРОИ ГИРИФТАНИ МАЪЛУМОТИ БЕШТАР:
ТЕЛЕГРАМ: +992 200 00 00 00 | +992 002 77 44 33
ВЕБСАЙТ: WWW.SEBISTON.COM

## ДАР ИН ШУМОРА:

**BRICS+**
Тоҷикистон ба он мепайвандад? с.4

**ДУШАНБЕ**
Торти ҷашнӣ ба рекорд шомил шуд с.5

**СУҒД**
Аз Искодар то Кӯҳистони Мастчоҳ с.7

**ҲАМЛА БА МУФТӢ**
Абдулқодирзода қазияро шарҳ дод с.3

**ГУЛЕН**
Бунёдгузори литсейҳои туркӣ даргузашт с.4

**“ТОҶИ СОМОН”**
“Писари Тоҷикистон” ба Ватан баргашт с.10

**ФОҶЕА**
Вақте модар фарзанд мефурӯшад… с.11

**КАНЗИ ШИФО**
10 маҳсулоте, ки одамро доно мекунанд с.12

**ВАРЗИШ**
Ғалабаи “Регар-ТадАз” дар Ҷоми Тоҷикистон с.10

# БАҲОИ ШЕРАЛӢ МИРЗО БА МАШҚҲОИ НИЗОМИИ РУБЕЖ-2024

**Вазири мудофиаи Тоҷикистон Шералӣ Мирзо ба натиҷаи машқҳои низомии Рубеж-2024, ки дар қаламрави кишвар баргузор шуд, баҳои баланд дод.**

Машқҳои низомӣ рӯзҳои 16-21-уми октябр дар тамрингоҳи "Ҳарбмайдон" дар ҷануби Тоҷикистон баргузор шуданд.

"Ҳайати шахсии воҳидҳо кори аъло анҷом дода, супоришҳои ҷангиро пурра иҷро намуда, маҳорати баланди касбӣ, ҳаракатнокӣ ва ҳамкории возеҳ нишон доданд",- гуфт ӯ.

Ба гуфтаи Шералӣ Мирзо, "гурӯҳҳои террористӣ ва нерухои ифротӣ аз ниятҳои тахрибкоронаи худ даст накашида, дар манотиқи мухталифи ҷаҳон, аз ҷумла дар наздикии минтақаи масъулияти СПАД фаъолияти худро идома медиҳанд. Ҳамаи ин шароити кунунӣ аз мо вокуниши мувофиқ, аз ҷумла зарурати андешидани чораҳоро барои таҳкими амнияти марзҳои ҷанубии СПАД талаб мекунад",- гуфт вазир.

Ӯ гуфт, ки солҳои охир дар тактикаи амалиёти ҷангӣ тағйироти куллӣ ба вуқуъ пайваста, хусусияти амали гурӯҳҳои мухталифи террористӣ тағйир меёбад, онҳо дорои василаҳои нав ва силоҳҳои муосир мебошанд.

Шералӣ Мирзо таъкид кард, ки кишварҳои узви СПАД дар муқовимат бо таҳдидҳои муосир ва мубориза бо гурӯҳҳои террористӣ таҷрибаи қобили мулоҳиза андӯхтаанд, ки дар қарору асноди қабулшуда дар доираи ин созмон инъикос ёфтааст.

# "ВЕСТЕРН ЮНИОН" БОЗ ИҶОЗАТИ ФАЪОЛИЯТ ГИРИФТ

**Бонки миллии Тоҷикистон ба "Вестерн Юнион Нетворк" барои фаъолияти оператории низоми пардохтии «Вестерн Юнион» тавассути аз нав ба расмият даровардан иҷозатнома дод.**

"Ин тасмим бинобар тағйир ёфтани суроғаи ҳуқуқии "Вестерн Юнион Нетворк" бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» ва «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» гирифта шудааст",- иттилоъ дод Бонки миллӣ.

Дар ин замина Департаменти низоми пардохт ба Феҳристи операторони низоми пардохтӣ ва Феҳристи ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ сабти дахлдор ворид намуд.

# 940 ҲАЗОР САЙЁҲИ ХОРИҶӢ БА ТОҶИКИСТОН ОМАДАНД

**Шумораи сайёҳони хориҷӣ дар Тоҷикистон давоми 9 моҳи соли ҷорӣ 17,3 дарсад зиёд шудааст.**

Тибқи иттилои Агентии омори Тоҷикистон, дар 9 моҳи соли ҷорӣ аз кишвар беш аз 1 миллиону 223,2 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ боздид кардаанд.

Аз ин шумора 941,3 ҳазор нафар тибқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ ҳамчун сайёҳ ворид гардидаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 17,3 фоиз зиёд аст.

Аксари шаҳрвандони хориҷие, ки дар ин давра ба Тоҷикистон омадаанд, аз Ӯзбекистон буда, шумораи онҳо беш аз 746,1 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Инчунин, дар ин давра сайёҳон аз Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Чин, Афғонистон ва Эрон ба Тоҷикистон омадаанд.



# 24-УМИН ҶОИЗАИ ФИЛМИ «ДОВ»

**Филми "Дов"-и коргардони шинохтаи тоҷик Муҳиддини Музаффар дар кинофестивали "Авруосиё" дар шаҳри Москва дар бахши "Туҳфаи ВАО" соҳиби ҷоиза шуд.**

Филм барои ифодаи софдилона, воқеъбинона ва садоқат ба анъанаҳои синамои тоҷик қадрдонӣ шудааст.

Ҳамчунин, дар ин фестивал Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Абдулмуъмин Шарифӣ барандаи Ҷоизаи «Беҳтарин нақши мардона» гардид. Абдулмуъмин Шарифӣ нақши Қаҳҳорро дар филми «Дов» бозӣ кардааст. Ин ҷоизаро низ коргардони филми "Дов" Муҳиддини Музаффар гирифт.

Тавре Муҳиддини Музаффар ба Pressa.tj иттилоъ дод, филми "Дов" 20-уми октябр дар "Хонаи кино"-и шаҳри Москва пешкаши тамошобинон гардонида шуд. Акнун ин 24-умин ҷоизаи филми «Дов» аз ҷашнвораҳои ҷаҳонӣ аст.

## САРИ САБЗ



**Нурулло АБДУЛЛОЕВ, Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон**

**- Аслан одами хушёр зани артист намешавад, барои ин ё девона будан лозим ё аз ҳад пуртоқат ва дурандеш. Ҳамсари ҳунарманд будан бениҳоят душвор аст, чунки ҳунарманд ба худаш тааллуқ надорад. Шахсан ман баъзан ҳафтаҳо ба хона омада наметавонистам...**

*- Ҳаҳаҳаҳ, канӣ, канӣ давомашро фаҳмем, устоди азиз... Ҳафтаҳо дар куҷоҳо бо чӣ корҳо машғул шуда мегаштед? Ё шумо ҳам ба худатон тааллуқ надоштед?*



**Нигина АНВАРӢ, муовини вазири кишоварзии Тоҷикистон**

**- Мо пешниҳод мекунем, ки як корхонаи муштарак таъсис дода шавад, то занҷираҳои мураккаби истеҳсоливу логистикии содироти маҳсулоти кишоварзӣ натанҳо ба Русия, балки ба бисёр кишварҳои дигар низ мунтазам сурат гирад.**

*- Беҳтарин пешниҳод аст. Аммо фикр намекунед, ки аввалтар аз ҳама мушкилоти бе зарар ва осону арзон расонидани маҳсулоти кишоварзон ба аҳолии худамонро ҳал кардан лозим аст?*



**Умедҷони БУРҲОН, сарояндаи тоҷик**

**- Сурудҳои кӯҳнаро бозхонӣ кардан, пиронсолонро ба ёди ҷавонӣ бурдану ба ҷавонон нишон додан, ки санъати тоҷик чунин сурудҳои мондагор дошт, албатта хуб аст. Сурудҳои нав низ барои зиёд шудани таронаҳои муаллифии ҳар ҳунарманд муҳим ҳастанд.**

*- Ҳммм, бозхонӣ кардани сурудҳои кӯҳна барои пиронсолон ку ба ҳайр, вале бо бозхонии сурудҳои нав ҷавононро ба ёди чӣ бурдан мумкин аст? Магар ба ёди кӯдакӣ?*


ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ, раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ, академик

Шералӣ КАБИР, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ, сиёсатмадор

Адаш ИСТАД, нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН, адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Умед СУЛТОНОВ, саҳифабанд

МУАССИС: Ҳайати кормандони ҳафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА: 221-00-84, 227-19-95 tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16 238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61 ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО 918-66-82-64, 221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР: 33 000 нусха.



# ҲУШДОР БА МУҲОҶИРОН

## 120 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон дар Русия ба рӯйхати қонунвайронкунандагон ворид шуданд

**Ба иттилои Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, 120 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон ҳамчун қонунвайронкунанда дар қаламрави Русия ба қайд гирифта шудаанд.**

Дар робита ба ин, ба диққати шаҳрвандони кишвар мерасонем, ки тағйирот ба қонунҳои федералӣ оид ба будубоши шаҳрвандони хориҷӣ дар Федератсияи Русия аз 5-уми феврали соли 2025 эътибори қонунӣ пайдо мекунанд.

Русия маҳдудиятҳои нав барои шаҳрванди хориҷиро ҷорӣ мекунад ва дар ин замина Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Русия системаи махсуси ихроҷ (депортатсия) таъсис дода, зиёда аз 120 ҳазор шаҳрванди тоҷикро ҳамчун қонунвайронкунанда ба "рӯйхати шахсони назоратшаванда" шомил намудааст.

Аз ин рӯ, Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ба шаҳрвандон тавсия медиҳанд, ки барои муайян намудани вазъи ҳуқуқии худ ба сомонаҳои расмии mehnat.tj ё migration.tj ва vkd.tj истифода баранд.

Барои маълумоти бештар, Pressa.tj бо рақамҳои дар сомонаи Вазорати меҳнат гузошташуда занг зад ва бо кормандони масъул суҳбат ороcт. Азбаски онҳо барои мусоҳибаи рӯ ба рӯ розӣ нашуданд, мо телефонӣ ба чанд суоли худ посух гирифтем. Мо борҳо кӯшиш намудем, ки бо роҳбарияти вазорат ҳамсуҳбат шавем, маълумоти бештар ба даст орем ва сокинони кишварро огоҳ намоем, ки дар чунин ҳолат чӣ гуна рафтор намоянд. Аммо, мутаассифона, роҳбарияти вазорат аз мулоқот бо Pressa.tj худдорӣ намуд.

Ба ҳар сурат, мо кӯшиш намудем лоақал тавассути суҳбати телефонӣ бо онҳо ба саволҳое, ки хонандагон ба мо медиҳанд, посух пайдо кунем.

**Ва инак чанд саволу ҷавоб:**

**Pressa.tj:** Чаро дар рӯйхат ному насаби шахсони дорои шиносномаи Русия ва нафарони фавтида низ ҳастанд?

**Масъули вазорат:** Мо наметавонем ба ин савол аниқ ҷавоб диҳем, чун ин рӯйхатро ба мо аз Русия равон карданд.

**Pressa.tj:** Агар шаҳрванд ба таври қонунӣ дар қаламрави Русия зиндагӣ мекунад ва номи ӯ дар ин рӯйхат ҳаст, ба куҷо бояд муроҷиат кунад?

**Масъули вазорат:** Дар ҳар як шаҳри Русия мо намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро дорем. Барои гирифтани номи худ аз рӯйхат, онҳо метавонанд ба намояндагии мо дар шаҳри воқеъбудаашон муроҷиат намоянд. Суроғаи намояндагии мо ва шаҳрҳо дар сомонаи расмии Вазорати меҳнат гузошта шудааст.

Шахси масъул аз ҷавоб ба саволҳои дигаре, ки метавонистанд ба ин торикӣ рӯшноӣ андозанд, худдорӣ намуд. Албатта мо медонем, ки бо Вазорати корҳои дохилии Русия иртибот гирифтани Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ душвор аст, вале вазъи муҳоҷирон талаб мекунад, ки ба ин саволҳо посух дода шавад.

*Мо ҳоло ҳам мунтазир ҳастем, ки масъулини вазорат омодагӣ зоҳир мекунанд, ки ба саволҳои хонандагон посух диҳанд. Ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ва "Pressa.tj" гӯшаи "Гуфтугӯи мустақим" доранд, ки мо метавонем онро дар ихтиёри онҳо қарор диҳем ва ба аудиторияи 5 000 000 онҳо асли масъаларо шарҳ диҳанд ва муҳоҷирони тоҷикро раҳнамоӣ кунанд.*

Ҳоло мо рақами телефонҳоеро пешниҳод мекунем, ки хонандагон тавассути он метавонанд ба саволҳои худ посух пайдо намоянд.

**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ:**
*250-32-40; 250-32-09; 250-32-42*

**Хадамоти муҳоҷират:**
*225-05-95; 225-05-89; 225-05-77*

**Вазорати корҳои дохилӣ:**
*227-86-31; 221-98-12; 938762626; 939220684*

Бояд гуфт, ки ҳар як шаҳрванд имкони як маротиба занг зада пурсиданро дорад. Барои ҳамин, кӯшиш кунед, то ба пуррагӣ ба саволҳои худ ҷавоб гиред.

**Дило ДОРОБШОЕВА,**
**"Тоҷикистон"**

# ТАФСИЛОТИ ҲАМЛА БА МУФТИИ ТОҶИКИСТОН

**Шахсияти ҷавоне, ки дар рӯзи равшан дар масҷид бо корд ба раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон ҳамла карда буд, ошкор шуд.**

Саидмукаррам Абдулқодирзода гуфт, ки ҷавони ҳамлагар аз ҷумлаи ифротгароён мебошад. Номбурда ҳангоми суханронӣ дар Масҷиди марказии шаҳри Душанбе ба ин масъала равшанӣ андохта, чунин гуфт: "Падараш муаллим будааст, модараш фарроши мактаб".

Саидмукаррам Абдулқодирзода мегӯяд, агар асли гурӯҳҳои тундравро бубинед, чандон мусалмон нестанд, вале тариқи интернет ҷавононро чунон мағзшӯӣ мекунанд, ки гӯё хидмати ислом намуда, даст ба чунин амалҳои нораво мезананд.

"Як гурӯҳ, як маҷмӯа, ҷавонони камсаводи каҷфаҳм, ки гӯё хидмати дини ислом мекунанд. Ҳамин гурӯҳҳои тундрав, аслашонро бубинед, мусалмон нестанд. Инҳоро ба воситаи Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ даъват мекунанд. Ҳамон одамонеро, ки инҳоро даъват карданду роҳнамоӣ карданду супориш доданд, аз пеш надидаанд",- гуфт раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Ёдовар мешавем, ки 11-уми сентябри соли равон дар масҷид дар байни намозгузорон ҷавоне ба муфтии Тоҷикистон Саидмукаррам Абдулқодирзода бо корд ҳамла карда, пешонии ӯро захмӣ кард.

# САБАБИ ТАМБАШАВӢ ЧИСТ?

**Вазорати нақлиёти Тоҷикистон чанд сабабро номбар кард, ки боис ба тамба шудани воситаҳои нақлиёт дар роҳҳои Душанбе мегарданд.**

Роҳҳои Душанбе қариб ҳамарӯза ба вақти субҳу шом, аниқтараш ба дарсу кор рафтан ва баргаштани мардум дар банди мошинҳо мемонанд.

Дар робита ба ин, Вазорати нақлиёт сабаби рух додани тамбашавии нақлиёт дар роҳҳои Душанберо шарҳ дод.

Ин ниҳод сабаби асосии мушкилӣ дар роҳҳоро ба зиёд шудани шумораи воситаҳои нақлиёт рабт дод. Аз ҷумла зикр намуд, ки агар даҳ сол пеш дар кишвар ҳамагӣ 389 ҳазор мошин ба қайд гирифта шуда буд, ба ҳолати 1 марти соли 2024 ин рақам ба беш аз 666 ҳазор мошин расидааст.

Сабабҳои дигари дар банд мондани ҷодаҳои пойтахтро вазорат ба корҳои таъмиру сохтмон, муваққатан аз кор мондани чароғаки роҳнамо ва рух додани садамаҳои нақлиётӣ рабт дод.



Deutsche Welle

**Дар интихоботи президентии Молдова, ки рӯзи 20-уми октябр баргузор шуд, президенти феълӣ Майя Санду 42% ва собиқ прокурори генералӣ Александр Стояногло 26%-и раъйи мардумро соҳиб шуданд. Ин ду дар даври дувум рақобат мекунанд.**

Даври дувуми интихобот ду ҳафта баъд баргузор мешавад. Барои соҳиб шудан ба курсии президентии Молдова 11 сиёсатмадор довталаб шуданд. Санду ҷонибдори равобити наздик бо Ғарб ва пайвастан ба Иттиҳоди Аврупо аст. Стояногло бошад, аз Ҳизби сотсиалистӣ пуштибонӣ мекунад. Игор Додон, роҳбари ин ҳизб аз тарафдорони Русия аст.



BBC

**Британиё ба Украина барои харидани силоҳи бештар 2,4 миллиард доллар қарз хоҳад дод. Ҷон Ҳили, вазири дифои Британиё хабарро рӯзи 22-юми октябр эълон кард.**

Ин пул бахше аз 50 миллиард доллар қарзи ваъдагӣ ба Украина аст, ки кишварҳои G7 ё ҳафт кишвари пешрафтаи саноатии ҷаҳон дар моҳи июни соли гузашта қабул карданд. Қарор аст, ки ин қарз аз ҳисоби дороиҳои бандмондаи Русия дар Ғарб маблағгузорӣ шавад. Пас аз ҳамлаи беасоси Маскав ба Украина дар моҳи феврали соли 2022 ҳудуди 300 миллиард доллар сармояи хориҷии Русия дар Ғарб баста шуд.



**Фатҳулло Гулен, руҳонии маъруфи турк ва мухолифи Раҷаб Тайиб Эрдуғон дар яке аз беморхонаҳои Пенсилванияи Амрико аз олам даргузашт. Гулен муассиси литсейҳои туркӣ дар Тоҷикистон буд.**

Гулени 83-сола соли 2016, пас аз табаддулоти нофарҷоми давлатӣ аз тарафи низоми Эрдуғон таҳрим шуд. Фаъолияти ширкатҳои ӯ дар Туркия мамнӯъ ва худи вай мавриди ҳадаф қарор гирифт. Литсейҳои ӯ дар чанд кишвар, аз ҷумла дар Тоҷикистон фаъолият мекарданд, ки баъдан фаъолияташон қатъ гардид.



# BRICS +
## Тоҷикистон низ ба он мепайвандад?

**22-юми октябр дар шаҳри Қазони Русия саммити 16-уми БРИКС ба кори худ оғоз кард, ки он то санаи 24-ум идома меёбад. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ субҳи 23-юми октябр ба кори саммит пайваст.**

### Таъйини ҷуғрофиёи БРИКС

Сухангӯи президенти Русия Дмитрий Песков дар мусоҳиба ба РИА “Новости” гуфт, ки муайян кардани мақоми шарикони БРИКС ва ҷуғрофиёи он яке аз масъалаҳои калидӣ хоҳад буд. Ба гуфти Песков, дар саммити навбатии БРИКС беш 20 ҳазор меҳмонони воломақом аз саросари ҷаҳон, аз ҷумла 36 сарвари давлатҳо ширкат мекунанд.

Ба гуфтаи ӯ, ҳудуди густариши БРИКС беохир нест. Дар робита ба ин, ба аъзои ин иттиҳод лозим меояд, ки дар мавриди шумора ва меъёрҳои шарикони эҳтимолӣ қарор қабул кунанд.

Президенти Русия Владимир Путин миёнаҳои моҳи сентябр гуфта буд, ки дар нишаст тасдиқи маҷмӯи созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун ба нақша гирифта шудааст.

“Ҳадафи БРИКС таъмин кардани "ҳамгироии табиӣ"-и кишварҳои нави узв аст ва иттиҳод барои аъзои нав боз мемонад, аммо густариш бояд на барои худи густариш, балки барои тақвияти имконот ва эътибори иттиҳод нигаронида шавад”,- хабар медиҳад РБК бо истинод ба муовини вазири корҳои хориҷии Русия.

### БРИКС чӣ гуна созмон аст?

Созмони БРИКС дар соли 2006 бо ташаббуси Русия таъсис ёфтааст. Дар оғоз он аз 4 кишвар - Бразилия, Русия, Ҳиндустон ва Чин иборат буд ва ихтисораи BRICS (БРИКС) аз ҳуруфи аввали номи ин кишварҳо гирифта шудааст. Соли 2011 ба ин созмон Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ низ ҳамроҳ шуд.

Мақсади асосии ин иттиҳод, ки ҳанӯз дар аввалин нишасти он дар Екатеринбург моҳи июни соли 2009 муайян карда шуд, «рушди муколама ва ҳамкориҳои пайваста, фаъол, амалгаро (прагматикӣ) ва кушода байни кишварҳо» буд. Баъдтар принсипҳое чун хислати ғайриблокӣ ва фаъолият надоштан ба муқобили кишварҳои сеюм мувофиқа шуданд.

Моҳи майи соли 2022 дар ҷаласаи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои БРИКС Чин пешниҳод кард, ки раванди густариши БРИКС оғоз шавад, то ки «намояндагии ин иттиҳод ва таъсири он дар ҷаҳон зиёд гардад». То моҳи августи соли 2023 ҳудуди 20 кишвар барои узвият дар ин созмон дархост пешниҳод намуданд.

Соли 2023 дар нишасти 15-ум дар Йоҳаннесбург эълон гардид, ки шаш кишвар - Аргентина, Миср, Эрон, Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА), Арабистони Саудӣ ва Эфиопия ба созмон ҳамроҳ мешаванд. Аммо дар моҳи декабри соли 2023 Аргентина аз пайвастан ба БРИКС даст кашид. Боқимонда кишварҳо аз 1-уми январи соли 2024 узви комилҳуқуқи БРИКС шуданд. Пас аз ин иттиҳод ғайрирасмӣ номи БРИКС+-ро гирифт.

Айни замон тақрибан 30 кишвар, аз ҷумла Алҷазоир, Бангладеш, Баҳрайн, Венесуэла, Покистон, Малайзия, Озарбойҷон ва дигарон барои узвият дар БРИКС дархост додаанд. Аз кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ин рӯйхат то кунун танҳо Қазоқистон ҳузур дорад.

Дар нишасти навбатии БРИКС сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон низ ҳузур доранд ва коршиносон ҳадс мезананд, ки ҷуғрофиёи БРИКС ба минтақа низ доман паҳн мекунад.

# ҚАТЛИ ЯҲЁ СИНВОР ВА ПЕШГӮИИ СММ

**Яҳё Синвор - роҳбари гурӯҳи фаластинии “Ҳамос” аз ҷониби неруҳои Исроил рӯзи 17-уми октябр кушта шуд. Як рӯз баъд марги ӯро Халил ал-Ҳайё, муовини роҳбари “Ҳамос” ва музокиракунандаи аслии гурӯҳ тасдиқ карда, рӯзи 18-уми октябр изҳорот дод.**



Мақомоти Исроил эълон карданд, ки Синворро дар Навори Ғазза куштанд. Исроил Катс, вазири корҳои хориҷии ин кишвар марги ӯро "дастоварди низомӣ ва ахлоқӣ" барои артиши Исроил номид.

Гурӯҳи “Ҳизбуллоҳ” дар Лубнон дар вокуниш ба ин ҳодиса рӯзи 18-уми октябр аз “марҳилаи нав” дар ҷанг бо Исроил хабар дод.

Пулиси Исроил гуфт, ки ҷасади Синвор тавассути сканҳои дандонпизишкӣ ва изи ангуштон шиносоӣ шудааст. Исроил намунаи ДНК-и Синворро дорад, зеро ӯ дар зиндони маҳаллӣ буд.

Оятуллоҳ Алии Хоманаӣ, роҳбари олии Эрон кушта шудани роҳбари "Ҳамос" Яҳё Синворро "дардовар" хонд, вале гуфт, ки гурӯҳ "зинда хоҳад монд".

"Ҳамос" аз пуштибонии Ҷумҳурии Исломӣ бархӯрдор аст, вале аз сӯйи Амрико ва Иттиҳоди Аврупо созмони террористӣ эътироф шудааст.

"Ҳамос" рӯзи 7-уми октябри соли 2023 ба Исроил ҳамла кард. Ин боис шуд, ки Исроил амалиёти густардаи низомиро дар Навори Ғазза оғоз кунад. Давоми беш аз як соли ҷанг беш аз 42 ҳазор фаластинӣ аз ҷониби неруҳои Исроил кушта шуданд.

Бар пояи гузорише, ки аз сӯйи Конфронси тиҷорат ва рушди Созмони Милали Муттаҳид нашр шуд, агар ҷанги Ғазза ҳамин ҳоло поён ёбад, "ҳудуди 350 сол" зарур аст, то иқтисоди вайроншуда ва азбайнрафтаи Навори Ғазза ба ҳолати пеш аз 7-уми октябри соли 2023 бозгардад.

БА ТАВАҶҶУҲИ РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

# ҚАЛЪАИ ХУҶАНД ЭҲЁ ШУД, ҚАЛЪАИ ДУШАНБЕ ЧӢ?

**Чанде пеш бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қалъаи бостонии Хуҷанд барқарор шуд ва мавриди истифода қарор гирифт. Вале кам касон медонанд, ки дар шаҳри Душанбе низ қалъаи таърихие мавҷуд аст, ки барқарор кардани он аҳамияти бузурги таърихӣ дорад.**



Ин ёдгории таърихӣ, тавре ба мо маълум гардид, марбут ба қарни 19- 20 буда, дар тарафи рости нишебии хиёбони Исмоили Сомонӣ воқеъ будааст. Қалъаро топографи рус Петров, ки соли 1884 ба Душанбе омада буд, тасвир кардааст. Он дар соҳили дарёи Душанбе аз гил сохта шуда, шакли чоркунҷаро доштааст. Дарозии девори ҳар як тарафи он беш аз 100 метр ва баландиаш 5 метрро ташкил дода, соли 1907 сохта шуда, қароргоҳи тобистонаи беки Ҳисор буд ва пас аз барқарории Ҳокимияти Шӯравӣ як муддат дар он аскарони сурх ҷойгир шудаанд. Аммо пас аз чанде қалъа ба пурраги тахриб мешавад.

Нозим Ҳакимов, муҳаққиқи соҳаи таърих низ барқарорсозии қалъаро ҷонибдорӣ карда, қайд намуд, ки "дар пайи амалиёти зиёди зидди босмачиҳо осори зиёди таърихӣ дар шахр нобуд гашт, аз ҷумла худи Қалъаи Душанбе. Барқарорсозии он пеш аз ҳама ҷанбаи иқтисодӣ дорад. Ва агар барқарор шавад, бешак тадбири хубест".

Гуфтан бамаврид аст, ки дар ҳошияи 100-солагии Тоҷикистон ва пойтахти азизамон шаҳри Душанбе барқарорсозии Қалъаи Душанбе ба нафъи кор буда, мухри оҳанин ба даҳони нотавонбиноне мешавад, ки ба аслияти таърихии Душанбе бовар надоштанд.

**Беҳрӯз САЙФУЛЛОЕВ, журналист**

# ПАРТОВГОҲҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ ДАР ПОЙТАХТ



**Дар шаҳри Душанбе нуқтаҳои зеризаминӣ барои ҷамъоварии партов бунёд мешаванд.**

Бунёди нуқтаҳои замонавии ҷамъоварии партов бо мақсади беҳтар намудани вазъи экологии шахр ба нақша гирифта шудааст.

Тавре аз Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Тоҷикистон ба Pressa.tj хабар доданд, нуқтаҳои нав дар наздикии биноҳои нави баландошёнаи пойтахт ҷойгир карда мешаванд.

Контейнерҳои махсуси зеризаминӣ барои ҷудо кардани партовҳо ба категорияҳои гуногун тарҳрезӣ шуда, ба сокинон имкон медиҳанд, ки ба масъалаҳои экологӣ бошуурона муносибат намоянд.

Ба гуфтаи масъулини кумитаи мазкур, ҳар як контейнер бо навиштаҷоте аломатгузорӣ карда мешавад, ки кадом намуди партовҳоро дар як қуттии муайян ҷойгир кардан лозим аст.

Навсозии системаи ҷамъоварии партовҳо ба соли "Маърифати экологӣ дар Душанбе", ки соли 2024 эълон шудааст, иртибот дорад.

Инчунин, мақомот назоратро дар кӯчаҳо ва ҷойҳои партовҷамъкунӣ тавассути камераҳои назоратӣ тақвият медиҳанд. Ҳоло дар 50 минтақаи осебпазири пойтахт алакай камераҳо насб карда шудаанд.

Аммо сарфи назар аз ёдраскуниҳои мунтазам дар бораи зарурати риояи ҷадвали партовҳо, ҷойгиркунии партовҳо дар ҷойҳои номаълум мушкил боқӣ мемонад.

Бинобар ин, ба сокинони пойтахт тавсия дода шудааст, ки қоидаҳои партофтани партовро риоя кунанд, то шахр тоза нигоҳ дошта шавад.

# ТОРТИ РЕКОРДӢ ДАР ДУШАНБЕ

**Рӯзи 20-уми октябр дар "Боғи Фирдавсӣ"-и шаҳри Душанбе ҷашни Меҳргон бо шукуҳу шаҳомати хос баргузор шуд. Торти 2-метрае, ки дар ин ҷашнвора ба маърази тамошо гузошта шуд, на танҳо ҳамагонро ба ҳайрат овард, балки он вориди рекорди ҷаҳонӣ шуд.**

Хабаргузории ТАСС иттилоъ медиҳад, ки торти мазкурро гурӯҳи 15-нафараи қаннодон аз кишварҳои Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон, ки Федератсияи ҷаҳонии мусобиқа байни тарабхонаҳо (WFRS)-ро намояндагӣ мекунанд, дар Душанбе омода кардаанд. Вазни торт 200 килограмм, баландиаш 2,10 метр буда, он дар номинаи "Торти баландтарин дар мавзӯи миллӣ" вориди рӯйхати рекорди ҷаҳонӣ гардид. Рекордро намояндагони Агентии авруосиёии раддабандӣ (ЕРА) сабт карданд.

Натали Ви, роҳбари қаннодон ба ТАСС дар бораи торт гуфтааст: «Барои омода кардани торти мазкур 160 дона тухм, 25 кг шакар, тақрибан 45 кг хамираи шакарӣ, миқдоре орд, зефир, тақрибан 30 литр афшура ва аз 1 то 9 кг махсулоти боқимонда масраф шудааст".

Ба гуфти хонум Ви, қаннодон ин тортро дар муддати чор рӯз тайёр карданд.

Торти рекордиро аз тарабхона оҳиста-оҳиста дар бордони мошини боркаш барои намоиш ба боғи ба номи Абулқосими Фирдавсӣ дар ҷашни Меҳргон овардаанд.

Торти рекордӣ аз чанд қабат иборат буд. Пояи мураббаъ бо паҳнои 1,1 метр бо 20 ҳайкалчаҳои аз занҷабил сохташуда, ки дар шакли маконҳои диданбоби Тоҷикистон буданд, оро дода шуд. Ба болои он ду ошёнаи дигари мудаввар бо нақшҳои миллӣ ва беш аз 300 унсури зефирӣ дар шакли тарбуз, харбуза, ангур ва меваҳои гуногуни кишвари Тоҷикистон насб карда шуд. Баъдан ба болои торт дар платформаи махсуси даврзананда нусхаи ҳайкали асосгузори нахустин давлати тоҷикон Исмоили Сомониро гузоштанд, ки баландиаш 45 см буд.

**С. УБАЙДУЛЛОЗОДА**



## РЕЗААХБОР

Дар Душанбе Ҳафтаи фарҳангии давлати Қатар баргузор шуд. Ин чорабинӣ дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ баргузор гардид. Дар чорабинӣ аз ҳунари гаҷкорӣ то либосҳои миллии Қатарро муаррифӣ карданд.

***

19-уми октябр Душанбе мизбони ин форуми сайёҳӣ гардид, ки дар он роҳбарони соҳаи сайёҳӣ ва намояндагони кишварҳои гуногун ширкат варзиданд. Чорабинӣ ба густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ бахшида шуд.

***

Рӯзҳои 22 то 24-уми октябр дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон Намоишгоҳи XII байналмилалии "Китоби Душанбе" баргузор гардид. Ҳадаф аз баргузории намоишгоҳ муаррифии китоб, таҳким ва тавсеаи равобити фарҳангӣ бо кишварҳои ҷаҳон мебошад.

***

23-юми октябр дар Душанбе Форуми ҷавонон дар соҳаи варзиш оғоз меёбад. Дар ин чорабинӣ намояндагони кишварҳои хориҷӣ низ ширкат мекунанд. Дар доираи форум масъалаҳои рушди варзиш дар байни ҷавонон мавриди муҳокима қарор мегиранд.

***

23-24-уми октябр дар Душанбе Форуми V олимони аъзои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид, ки дар он олимону муҳаққиқони варзида ва роҳбарони муассисаҳои илмии кишварҳои ИДМ иштирок намуданд.

***

Аз 25 то 28-уми октябр дар Душанбе Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баргузор мешавад. Ин чорабинӣ муаррифгарӣ имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон ва рушди ҳамкорӣ бо ширкатҳои хориҷӣ хоҳад буд.

***

20-22 октябр дар Душанбе Ҷашнвораи филмҳои кӯтоҳ баргузор шуд. Чорабинии мазкур аз ҷониби Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи М. Турсунзода ва телевизиони Тоҷикистон гузаронида шуд. Дар ҷашнвора филмҳои кӯтоҳи омодакардаи донишҷӯён ба намоиш гузошта шуд.

МАЪЛУМОТИ БЕШТАР ДАР
PRESSA.TJ

# КОР БАРОИ ИҶОРА

## Нигаронии сокинон аз болоравии нархҳо



**Субҳон корманди яке аз корхонаҳои давлатӣ аст. 2600 сомонӣ маош мегирад. Пас аз ҷустуҷӯҳои зиёд дар канори шаҳр хонаеро дар бинои навсохте, ки ҳанӯз сохтмонаш ба охир нарасидааст, иҷора гирифт. Моҳе 2000 сомонӣ бояд иҷорапулӣ диҳад.**

Субҳон мегӯяд, ки илоҷи дигаре надошт, ҷуз он ки дар маҳаллаи “Зарафшон” дар сохтмони нотамом иҷоранишин шавад. “Сохтмони бино тамом нашудааст. Ҳанӯз лифтҳо кор намекунанд, вале соҳибхона хонаи худашро таъмир кардаву бароям иҷора дод. Шукр, ки ҳамсарам ҳам кор мекунад. Маоши ман ба иҷора ва роҳкирои худам сарф мешавад, ҳамсарам бори рӯзгорро мекашад”,- мегӯяд ин ҳамсуҳбати мо.

Субҳон мегӯяд, бо маоше, ки мегирад, харидани хонаи шахсиро ҳатто орзу намекунад. “Ба умеди Русия будам. Баъди хатми донишгоҳ 2 сол рафта кор кардам, пул ҷамъ карда, омада зан гирифтам. Ҳоло корам бад нест, гарчанде маош кам аст. Дигар ба Русия рафтан намехоҳам, зеро азоби муҳоҷириро дигар тоқат карда наметавонам”,- мегӯяд ӯ.

Чун Субҳон вақтҳои охир нафарони зиёде аз гарон шудани нархи иҷора дар пойтахти кишвар изҳори нигаронӣ мекунанд.

Ҳамсуҳбати дигари мо Амриддин Низомзода низ иҷоранишин аст. Ӯ мегӯяд, ки «дар дарёфти иҷора хеле танқисӣ кашидам. Қаблан дар роҳ ё назди биноҳо рӯйхати иҷораҳо навишта мешуд, аммо ҳоло бо ин навиштаҳо хеле кам дучор мешавем. Дар газета ё интернет бароям ҳам, аксаран нархҳо гаронанд. Ахиран, пас аз ҷустуҷӯи зиёд иҷораеро аз як бинои чорошёнаи дур аз марказ ба маблағи 1500 сомонӣ пайдо намудам, ки иборат аз 1 хона ва бидуни таҷҳизоти дохилӣ мебошад. Ногуфта намонад, ки барои дарёфти иҷора аз «миёнарав - посредник» истифода бурдам, ки ҳақи ӯро низ 300 сомонӣ пардохт намудам. Бар замми ин, лавозимоти хона (дастгоҳи барқ, душ, термекс, кран...) фарсудаанд ва зуд-зуд аз кор мебароянд. Таъмир ҳам намоем, аздусар вайрон мешаванд. Ин хонаҳо алакай кӯҳна шудаанд”.

“Ман фикр мекунам, ки омили асосии аз кор рафтани ҷавонон - ин надоштани хонаи истиқоматӣ дар шаҳр мебошад. Агар оиларо дар деҳа гузоштаву дар шаҳр зиндагӣ кунем, ин ҳам мушкил аст. Бизгор нархи иҷора вобаста ба шароит ва маоши кормандон бошад”,- мегӯяд ҳамсуҳбати дигари мо Муҳаммадҷон Қосимзода.

Ҳамасола бо фаро расидани фасли сармо нархи иҷора дар пойтахти кишвар боз ҳам боло меравад. Ҳоло арзиши иҷораи яккуҷрагӣ дар маркази шаҳр ва наздик ба он аз 2000, 2-ҳуҷрагӣ аз 3 ҳазор ва 3-ҳуҷрагӣ беш аз 4 ҳазор сомонӣ шудааст. Дар маҳалҳои атрофи шаҳр нархи иҷора арзонтар бошад ҳам, вале назар ба солҳои пешин хеле гарон аст.

Ногуфта намонад, ки аз нархи иҷора донишҷӯён ҳам азият мекашанд. “Мо 4 нафар хонаи дуутоқаро иҷора мегирем. Соли аввал 1500 сомонӣ буд. Бо гузашти 3 сол 2,5 ҳазор сомонӣ шуд. Барои мо душвор аст, вале ҷораи дигар надорем”,- мегӯяд Дилноза, донишҷӯйи яке аз муассисаҳои олии кишвар.

Бархе мегӯянд, ки надоштани ҷойи истиқомат барои коргарон аксар вақт омили асосии тарки фаъолият намудан ва мушкилӣ кашидани онҳо дар шаҳр мешавад.

Махсусан, мутахассисони ҷавон маҷбуранд тарки пеша намуда, ба муҳоҷират раванд.

“Хуб мешуд, агар корхонаҳо, вазорату идораҳо низ аз ҳисоби даромадҳояшон барои коргарони худ манзилҳои истиқоматӣ бунёд кунанд ва бо нархи дастрас онҳоро ба кормандонашон фурӯшанд ё иҷора бидиҳанд, яъне роҳҳое бояд пайдо кард, ки мардуми маошхӯр бо манзили зист таъмин шаванд”.

**Беҳрӯз САЙФУЛЛОЕВ,**
**журналист**




# КОРМАНДОНИ IRS УМУМАН БЕКОР НАМЕМОНАНД, ЗЕРО...

**Агар фаъолияти кормандони IRS беғаразона мавриди таҳлил қарор гираду хулоса аз ҷониби онҳое баён гардад, ки аз вазъи роҳи Душанбе - Чанок солҳои пеш низ огоҳ буданд, пас метавон гуфт, ки масъулияти онҳо дар ягон мавсими сол кам намегардад.**




Ба ибораи дигар, аҳли ин ширкат ягон вақт бекор нестанд. Зеро бо мусоид гардидани обу ҳаво дар фаъолияти IRS таъмиру таҷдиди роҳ мақоми меҳварӣ касб карда, дар мавсими сармо таваҷҷуҳи масъулин ба рафъи пайомади тармафарой, мунтазам тоза намудани роҳ аз барф ва коркарди он бо маводи зиддилағжиш равона мешавад.

Далелу рақамҳо гувоҳи онанд, ки имсол низ мавсими таъмиру таҷдиди роҳ бо нишондиҳандаҳои арзанда ва барзиёд ҷамъбаст гардид. Ба шарофати масъулиятшиносии кормандони IRS дар минтақаҳои Варзоб, Зарафшон ва Суғд даҳҳо километр роҳ таъмири куллӣ ва садҳо километр таъмири ҷорӣ гардид. Барои дар сатҳи хубу сифати баланд амалӣ гардидани ин кор корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии марбут ба филиали Ширкат фаъолияти пурмаҳсул доштанду мутахассисон ҷаҳду талоши қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоиш.

Ҳоло бошад, роҳбарият ва кормандони филиали Ширкат ба мавсими зимистон омодагии ҷиддӣ дида, дар ин раванд ҳолати техникаву механизм ва захираи маводи зиддилағзишу сӯзишворӣ мадди назар аст. Илова бар ин, кормандон бо сарулибоси зимистона таъмин шуда, барои фаъолияти муназзами онҳо дар ҳаҷми зарурӣ ангишт ва хезум дастрас шудааст.

Масъулини IRS хуб дарк кардаанд, ки айёми қаҳратуни сол марҳилаи ҳассос буда, дар сурати сари вақт омодагӣ надидан ба раванди фаъолият латма ворид хоҳад гашт. Бо ин мақсад Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025” ба тасвиб расида, ҳадафи асосии ҳуҷҷати мазкур омода намудани тамоми соҳаҳо ва шаҳрвандон ба мавсими зимистон маҳсуб меёбад.

Бино ба гуфти масъулин, барои фаъолияти муназзаму пурмаҳсул дар фасли зимистон дар намояндагиҳои филиали Ширкат захира намудани сӯзишвории дизелӣ, маводи зиддилағзиш оғоз шуда, ин раванд босуръат идома дорад.

Илова бар ин, ба миқдори зарурӣ чархи резинии зимистонаи мошин ва механизмҳои нигоҳдории роҳ дастрас ва насб гардида, зарфҳои захираи сӯзишворӣ, ки имкони нигоҳдории қариб 600 ҳазор литр чунин маводро доранд, барқарор карда шудаанд. Муҳимтар аз ҳама, техникаву механизм филиали Ширкат, ки теъдодашон 242 адад аст, ба мавсими зикршуда пурра омодаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки нишондиҳандаҳои мазкур дар муқоиса ба солҳои қаблӣ тамоюли афзоишро касб намуда, ин ҷанба имкон фароҳам меорад, ки рисолати филиали Ширкат - нигоҳдории роҳ дар сатҳи хуб ва сифати баланд амалӣ гардад.

# СУҒД: АЗ ИСКОДАР ТО КӮҲИСТОНИ МАСТЧОҲ



**15 оилаи деҳаи Искодари ноҳияи Айнӣ, ки манзилҳояшон бар асари омадани сел хароб шуда буд, соҳиби хонаҳои нав гардиданд. Хонаҳо ба сокинон бо тамоми ҷиҳози зарурии рӯзгор тақдим гардид.**



Калиди хонаҳои истиқоматиро рӯзи 18-уми октябр аз номи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба сокинон супорид. Зимни суханронӣ Раҷаббой Аҳмадзода қайд намуд, ки тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, дар муддати кӯтоҳ манзилҳои нав бунёд шуда, ҳар як хона дорои утоқҳои зарурӣ, аз ҷумла меҳмонхона, хонаи хоб, хонаи кӯдакон, ошхона ва ҳаммом мебошад. Ҳукумат инчунин барои муҷаҳҳаз сохтани манзилҳо бо ҷиҳози рӯзгор ва кумакҳои моддӣ тадбирҳои зарурӣ андешид.

Сокинон зимни тақдими хонаҳо ибрози миннатдорӣ карданд.

Ёдовар мешавем, ки бар асари омадани сел 13-уми июли соли равон хонаҳои ин сокинон комилан хароб шуда буд.

## Оғози сохтмони бинои нави прокуратура дар Кӯҳистони Мастчоҳ

Бо ибтикори мақомоти вилояти Суғд ва дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ сохтмони бинои нави маъмурии прокуратураи ноҳия оғоз гардид. Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода дар ин маросим иштирок намуда, санги асоси сохтмони бинои мазкурро гузошт.

Ин бино аз ду ошёна иборат буда, дорои 6 утоқи корӣ ва маҷлисгоҳ барои 50 нафар мебошад. Масоҳати умумии иншоот 1156 метри мураббаъ буда, қитъаи замин барои сохтмон 312 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Фармоишгари иншоот Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд буда, пудратчии он ҶДММ "Пастиғав" мебошад. Лоиҳаи иншоотро ҶДММ "Суғдшаҳрофар" омода кардааст.

## Сохтмони бинои истиқоматӣ барои хизматчиёни давлатӣ

Дар маркази ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ҳамчунин бунёди бинои нави истиқоматӣ ва хизматӣ барои кормандону хизматчиёни мақомоти ҳокимияти давлатӣ оғоз ёфт. Ин бино, ки аз панҷ ошёна иборат хоҳад буд, барои 25 оила пешбинӣ шуда, дар доираи тадбирҳои ободониву созандагӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ сохта мешавад.

Фармоишгари иншоот Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ буда, пудратчии он ҶДММ "Ситоиш" мебошад. Бино дар масоҳати 2000 метри мураббаъ сохта шуда, қитъаи замини зери сохтмон 1000 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Тавре раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода изҳор намуд, дар давраи соҳибистиқлолӣ ба рушди ин минтақа таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Иншооти гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла мактабҳо, муассисаҳои тиббӣ ва дигар инфрасохторҳо дар Кӯҳистони Мастчоҳ бунёд ёфта истодаанд. Барои истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, сохтмони 115 иншооти гуногун дар ноҳия ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 51-тои онҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

## Ҳосили фаровони себ дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ

Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода зимни сафари кории худ ба ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ бо рафти ҷамъоварии ҳосили себ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ шинос гардид. Дар ин ноҳия боғпарварӣ яке аз соҳаҳои сердаромад мебошад ва саҳми хоҷагиҳо дар таъмини бозорҳои дохилии мамлакат бо себ хеле назаррас аст.

Аз ҷумла, дар хоҷагии деҳқонии "Мирзо Валиев", ки 3 гектар заминро дар ихтиёр дорад ва 2,6 гектараш боғи себ мебошад, иттилоъ дода шуд, ки ҳосили имсол назаррас аст ва интизор меравад, ки 40 тонна себ ҷамъоварӣ гардад. Маҳсулоти боғпарварон ба бозорҳои вилоят ва шаҳри Душанбе интиқол дода мешавад.

Раиси вилоят ба фаъолияти боғдорон баҳои баланд дода, тавсияҳои судманд барои истифодаи самараноки замин пешниҳод намуд. Ӯ ҳамчунин аз намоиши маҳсулоти кишоварзӣ боздид карда, супориш дод, ки ҳосили себу картошка пурра ҷамъоварӣ шавад.

## Ба истифода додани хати оби полезӣ дар Кӯҳистони Мастчоҳ

Дар доираи барномаҳои ободонӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ хати оби полезии нав ба истифода дода шуд. Ин лоиҳа бо маблағгузории Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия татбиқ гардид. Дарозии хати оби полезӣ 8,9 километрро ташкил дода, об аз мавзеи сойи Тагоб то Қарғтудаи деҳаи Оббурдон тавассути қубурҳо оварда шудааст.

Бо мавриди истифода қарор гирифтани ин хати оби полезӣ 50 гектар замини нав азхуд гардида, вазъи обёрии 150 гектар замини корами ноҳия беҳтар шуд.

## Ифтитоҳи майдончаи варзишӣ дар Кӯҳистони Мастчоҳ

Бо иштироки раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода дар деҳаи Оббурдони ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ майдончаи варзишӣ ба истифода дода шуд. Ин майдонча дар доираи барномаҳои рушди соҳаи варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим бунёд гардида, 800 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Тавре дар маросими ифтитоҳи иншоот қайд гардид, дар вилояти Суғд наздик ба 3000 иншооти варзишӣ мавҷуданд, ки шаҳрвандон аз онҳо истифода мебаранд. Майдончаи варзишии нав дар Оббурдон низ имконият медиҳад, ки ҷавонону наврасон бештар ба варзиш машғул шаванд ва барои солимии худ талош намоянд.

Дар 9 моҳи соли 2024 дар вилояти Суғд 42 иншооти варзишӣ, аз ҷумла 10 толор, 2 ҳавзи шиноварӣ, 1 корти теннис ва 29 майдончаи варзишӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.





# РУШДИ ТАНДУРУСТӢ ВА ТАТБИҚИ

**Соли 2024 барои соҳаи тандурустии Тоҷикистон соли дастовардҳои назаррас гардид. Бо ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ, таҷдиди муассисаҳои тиббӣ ва татбиқи барномаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба таври назаррас беҳтар шуд. Ҳамчунин, тавассути дастгирии маъюбон, пиронсолон ва оилаҳои камбизоат сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ тавсеа ёфт. Такмили кадрҳои тиббӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба баланд шудани сатҳи касбияти мутахассисон ва дастрасии беморон ба хизматрасониҳои замонавӣ мусоидат карданд. Стратегияи рушдиояндаи соҳа низ равшан муайян шудааст.**



*Ҷамолиддин Абдуллозода,*
*Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## Соли дастовардҳои бузург

Соли 2024 барои соҳаи тандурустии Тоҷикистон соли дастовардҳои бузург ва ислоҳоти ҷиддӣ гардид. Таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии Ҳукумати кишвар, мо тавонистем ба сатҳи нави хизматрасониҳои тиббӣ ноил гардем. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ як қатор барномаҳои муҳимро татбиқ намуд, ки ба беҳбуди сифати хизматрасониҳо, тақвияти инфрасохтори тиббӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ равона шуда буданд.

Дар маркази фаъолияти мо фароҳам овардани шароити баробар барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа ва дастрасии беморон ба хизматрасониҳои тиббии баландсифат қарор дошт. Аз ин рӯ, соли ҷорӣ таваҷҷуҳи хоса ба такмили инфрасохтор, ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани касбияти мутахассисони тиббӣ дода шуд. Мо талош кардем, ки тавассути барномаҳои эмгузаронӣ, пешгирии бемориҳои сироятӣ ва маъракаҳои иттилоотӣ сатҳи солимии аҳолиро беҳтар гардонем.

Ҳамчунин, сиёсати иҷтимоии давлат ҷиҳати дастгирии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа, бахусус маъюбон, пиронсолон ва оилаҳои камбизоат идома ёфт. Ин бозгӯи он аст, ки ҳифзи иҷтимоӣ дар маркази сиёсати давлат қарор дорад. Бо татбиқи ислоҳоти нав ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ, мо ба таҳкими минбаъдаи низоми тандурустӣ дар кишвар идома хоҳем дод.

## Дастгоҳҳои нав дар соҳаи тиб

Ворид намудани технологияи инноватсионӣ ва таҷҳизоти муосир дар соли 2024 як қадами калидӣ дар самти баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ гардид. Мо тавонистем муассисаҳои тандурустиро бо таҷҳизоти тиббии пешрафта муҷаҳҳаз намоем, ки ин ба ташхис ва табобати дақиқ ва босифат мусоидат кард. Ба воситаи таҷҳизоти муосир сатҳи ташхиси бемориҳо афзоиш ёфт, ки он имкон медиҳад беморон бо табобати саривақтӣ ва самаранок фаро гирифта шаванд.

Дар марказҳои тиббии кишвар, бахусус дар муассисаҳои махсуси шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва дигар марказҳои вилоятӣ таҷҳизоти нав, ба монанди дастгоҳҳои MRI, KT ва таҷҳизоти замонавӣ барои ҷарроҳиҳои эндоскопӣ ҷорӣ гардиданд. Ин навовариҳо имкон доданд, ки ҷарроҳиҳо бо дараҷаи камтари осебпазирӣ ва хатари пас аз ҷарроҳӣ анҷом ёбанд, ки ба зудтар шифо ёфтани беморон мусоидат мекунад.

Дар минтақаҳои дурдасти кишвар, ки қаблан дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббии босифат маҳдуд буд, бо бунёди марказҳои саломатӣ ва бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин намудани онҳо, мо тавонистем сатҳи хизматрасониҳоро ба таври назаррас беҳтар кунем. Масалан, дар ноҳияҳои дурдаст як қатор марказҳои тиббӣ ва шуъбаҳои махсус барои табобати бемориҳои шадид ва музмин фаъол шуданд, ки ин ба аҳолии деҳот имкон медиҳад, то ба хизматрасониҳои тиббии баландсифат бе зарурати сафар ба марказҳои шаҳр дастрасӣ пайдо кунанд.

Илова бар ин, ҷорӣ намудани барномаҳои рақамии идоракунии тиббӣ ва ташкили машваратҳои фосилавӣ тавассути платформаҳои рақамӣ барои бемороне, ки дар манотиқи дурдаст зиндагӣ мекунанд, дастрасиро ба мутахассисони баландихтисос осонтар намуд. Ба туфайли ин технологияҳо, беморон метавонанд машваратҳои тиббиро дар ҳолати зарурӣ ба таври онлайн гиранд ва раванди ташхис ва табобатро самараноктар ва дастрастар созанд.

Ин тадбирҳо ба таври куллӣ ба баланд шудани эътимоди аҳолӣ ба низоми тандурустӣ ва беҳбуди сифати умумии хизматрасониҳои тиббӣ мусоидат карданд. Мо дар оянда низ талош хоҳем кард, ки бо ворид намудани навовариҳои бештар ва густариши инфрасохтори тиббӣ хизматрасониҳои тиббиро ба сатҳи ҷаҳонӣ барорем.

## Татбиқи барномаҳои пешгирӣ ва мубориза бо бемориҳо

Дар соли 2024 Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути татбиқи маъракаҳои васеи эмгузаронӣ ва барномаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ ба коҳиши назарраси бемориҳо ноил гардид. Маъракаҳои эмгузаронӣ ва барномаҳои пешгирикунандаи бемориҳои музмин, ба монанди диабет, бемориҳои дилу рагҳо ва саратон низ боиси беҳбуди саломатии аҳолӣ гардиданд.

Тибқи омори расмӣ, дар соли 2024 зиёда аз 1,7 миллион нафар шаҳрвандон ба эмгузаронӣ фаро гирифта шуданд. Маъракаҳои эмгузаронӣ, ки бар зидди бемориҳои сироятӣ, ба монанди сурхча, полиомиелит, гепатит ва дигар бемориҳои хавфнок гузаронида шуданд, ба таври назаррас хатари паҳншавии ин бемориҳоро коҳиш доданд. Бо дастгирии шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ) барномаҳои эмгузаронӣ ба таври самаранок ва фарогир анҷом ёфтанд, ки ин боиси баланд гардидани сатҳи ҳифзи саломатии аҳолӣ гардид.

Илова бар ин, барномаҳои пешгирикунандаи бемориҳои музмин, ба монанди диабет, бемориҳои дилу рагҳо ва саратон низ идома ёфтанд. Дар доираи ин барномаҳо маъракаҳои таблиғотӣ ва иттилоотӣ дар саросари кишвар гузаронида шуданд, ки тавассути онҳо сокинон дар бораи роҳҳои пешгирии ин бемориҳо маълумоти муҳим гирифтанд. Ташвиқи тарзи ҳаёти солим, парҳези дуруст ва машқҳои мунтазам дар маркази ин барномаҳо қарор доштанд, ки ин ба коҳиши хатари бемориҳои музмин дар аҳолӣ мусоидат намуд.

Ҳамчунин, барномаҳои пешгирикунанда ба таври васеъ амалӣ шуданд, ки имконият доданд, то бемориҳо дар марҳилаҳои аввали худ ташхис шуда, табобат саривақтӣ оғоз гардад. Бо ин иқдомҳо, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавонист сатҳи сироятшавӣ ба бемориҳои хавфнокро коҳиш диҳад ва дар навбати худ сифати зиндагии аҳолиро беҳтар созад.

Татбиқи барномаҳои пешгирӣ ва мубориза бо бемориҳо дар Тоҷикистон нишон дод, ки бо ҷораҳои пешгирикунанда ва маъракаҳои фарогир мо метавонем бемориҳоро дар сатҳи миллӣ назорат намоем ва паҳншавии онҳо ба таври назаррас коҳиш ёбад. Ин раванд дар оянда низ идома хоҳад ёфт ва мо талош хоҳем кард, ки тавассути татбиқи барномаҳои нав ва такмилёфта саломатии аҳолӣ боз ҳам устувортар гардад.

## Таҳкими инфрасохтори тандурустӣ

Сохтмон ва таҷдиди муассисаҳои нави тиббӣ ва марказҳои саломатӣ дар соли 2024 яке аз афзалиятҳои калидии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ буд. Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва ҳамкориҳои фаъол бо шарикони байналмилалӣ, мо тавонистем инфрасохтори тандурустиро дар сатҳи миллӣ ба таври назаррас такмил диҳем. Дар доираи ин тадбирҳо як қатор беморхонаҳои нав дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои гуногуни кишвар сохта шуда, муассисаҳои мавҷуда таҷдид ва бо таҷҳизоти муосир таъмин гардиданд.

Таваҷҷуҳи хоса ба бунёди муассисаҳои тандурустӣ дар минтақаҳои дурдаст дода шуд, ки дар гузашта дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ дар ин ҷо маҳдуд буд. Бо сохтани беморхонаҳои нав ва марказҳои саломатӣ дар чунин манотиқ,

# ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ

мо тавонистем, ки барои аҳолии деҳот низ шароити баробар барои табобат ва ташхиси касбӣ фароҳам оварем. Масалан, дар ноҳияҳои кӯҳистон ва минтақаҳои дурдасти вилоятҳои Суғду Бадахшон якчанд марказҳои нави саломатӣ сохта шуданд, ки ин ба осон шудани дастрасии сокинони маҳаллӣ ба хизматрасониҳои зарурии тиббӣ мусоидат кард.

Илова бар ин, бо дастгирии шарикони рушд ва созмонҳои байналмилалӣ мо тавонистем маблағгузориҳоро барои ворид намудани таҷҳизоти муосир ва беҳтар кардани шароити корӣ дар муассисаҳои тандурустӣ ҷалб намоем. Ин таҷҳизоти пешрафта ба муассисаҳо имкон доданд, ки ташхис ва табобати беморонро дар сатҳи баландтар ва самараноктар анҷом диҳанд.

Дар баробари ин, сохтмон ва таҷдиди муассисаҳои тандурустӣ ба такмили инфрасохтори иловагӣ, аз ҷумла таъмин намудани онҳо бо хатҳои нави обёрӣ, барқ ва алоқаву интернет низ шомил гардид. Ин ҳама куллан сифати хизматрасониҳои тиббӣ ва шароити кории мутахассисони тиббиро дар тамоми кишвар беҳтар намуда, ба густариши дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои замонавӣ мусоидат карданд.

Ҳадафи мо ин аст, ки бо тавсеаи минбаъдаи инфрасохтор, беморхонаҳо ва марказҳои саломатӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ шаванд ва аҳолӣ бидуни монеа ба табобати босифат дастрасӣ пайдо кунанд. Таҳкими инфрасохтори тандурустӣ дар оянда низ боқӣ хоҳад монд ва бо истифода аз таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ, мо кӯшиш хоҳем кард, ки Тоҷикистонро ба кишвари дорои низоми муосир ва самараноки тандурустӣ табдил диҳем.

### Дастгирии гурӯҳҳои осебпазир

Дар давоми соли 2024 дастгирии гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла маъюбон, пиронсолон ва оилаҳои камбизоат яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ буд. Мо кӯшиш кардем, ки тавассути барномаҳои махсус ва ташаббусҳои ҳукуматӣ дастгирии моддӣ, иҷтимоӣ ва тиббиро барои ин қишрҳои осебпазири ҷомеа таъмин намоем. Дар ин давра зиёда аз 79 000 нафар маъюбон, аз ҷумла кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ба қайд гирифта шуданд, ки ба онҳо кумакҳои моддӣ ва таҷҳизоти махсус, ба мисли аробачаҳои маъюбӣ, дастгоҳҳои шунавоӣ ва дигар лавозимоти зарурӣ дастрас карда шуданд. Ин иқдомҳо барои беҳтар кардани сифати зиндагии маъюбон ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои иштироки онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат карданд.

Ҳамчунин, дар хона-интернатҳо барои пиронсолон ва маъюбон шароити беҳтар фароҳам оварда шуданд. Зиёда аз 1 500 нафар дар ин муассисаҳо бо дастгирии иҷтимоиву тиббӣ таъмин гардиданд. Тавассути барномаҳои давлатӣ дар давоми сол пиронсолон ва шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд на танҳо кумакҳои моддӣ, балки ёрии тиббӣ ва хизматрасониҳои махсусро низ дарёфт карданд.

Барои оилаҳои камбизоат ва қишрҳои осебпазири аҳолӣ Ҳукумат тавассути барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ кумакҳои молиявӣ ва моддӣ, аз ҷумла таъминот бо маводи хӯрокворӣ ва лавозимоти рӯзгор фароҳам овард. Дар давоми ин сол зиёда аз 31 000 оила аз чунин дастгириҳо бархӯрдор шуданд. Ин кумакҳо на танҳо ба беҳбуди шароити зиндагии онҳо мусоидат карданд, балки барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо нақши муҳим бозиданд.

Ҳадафи мо ин аст, ки тамоми қишрҳои осебпазир, новобаста аз шароит ва имкониятҳо, аз дастгирии доимӣ бархӯрдор ва ба зиндагии осоишта ва босифат дастрасӣ дошта бошанд.

### Такмили кадрҳои тиббӣ

Дар соли 2024 такмили ихтисос ва баланд бардоштани сатҳи касбияти кадрҳои тиббӣ яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб мерафт. Тавассути барномаҳои такмили ихтисос ва ҳамкориҳои байналмилалӣ зиёда аз 10 000 мутахассиси тиббӣ дар дохили кишвар ва хориҷи он дониш ва малакаҳои худро такмил доданд.

Дар дохили кишвар мо курсҳои такмили ихтисосро барои табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ баргузор намудем. Ин курсҳо ба фарогирии соҳаҳои гуногуни тиб, аз ҷумла ҷарроҳии муосир, кардиология, анестезиология, педиатрия ва дигар бахшҳои муҳими тиббӣ равона шуданд. Табибон ва дигар кормандони тиббӣ имконият пайдо карданд, ки бо усулҳои муосири ташхис ва табобат шинос шаванд ва донишҳои назариявӣ ва амалии худро дар шароити воқеӣ такмил диҳанд.

Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ беш аз 300 нафар мутахассиси тиббӣ дар курсҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисос дар марказҳои тиббии кишварҳои пешрафта, аз қабили Русия, Олмон, Чин, Туркия ва дигар давлатҳо ширкат варзиданд. Ин мутахассисон дар соҳаҳои кардиохирургия, онкология, ҷарроҳиҳои пластикӣ ва дигар бахшҳои махсуси тиббӣ таҷрибаи арзишманд гирифтанд.

Мо бо ҷорӣ кардани усулҳои инноватсионӣ дар табобат, истифодаи таҷҳизоти муосир ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои тиббӣ тавонистем системаи тандурустиро дар сатҳи навтарин мутобиқ гардонем. Ин раванд ба баланд бардоштани эътимоди беморон ва беҳтар шудани натиҷаҳои тиббӣ мусоидат кард.

Дар оянда мо талош хоҳем кард, ки бо ҷалби бештари шарикони байналмилалӣ ва густариши барномаҳои такмили ихтисос сатҳи касбияти кадрҳои тиббӣ дар тамоми сатҳ боз ҳам беҳтар шавад. Ин иқдомот имкон медиҳанд, ки кормандони тиббӣ ҳамеша бо донишҳои навтарин ва малакаҳои муосир дар соҳаи худ шинос бошанд ва ба сатҳи баландтари хизматрасонӣ ноил шаванд.

### Баланд бардоштани маърифати солимии аҳолӣ

Вазорат тавассути васоити ахбори омма маъракаҳои иттилоотиро густариш дод. Сокинон ба таври осон маълумот дар бораи ғизои солим, пешгирии бемориҳои музмин, маслиҳатҳои тиббӣ ва роҳҳои солим нигоҳ доштани организмро дастрас карданд. Ба ин васила, вазорат тавонист бо табақаҳои гуногуни ҷомеа ҳамкорӣ кунад ва сатҳи маърифати саломатии онҳоро баланд бардорад.

Ҳамчунин, аҳолӣ дар бораи роҳҳои пешгирии бемориҳои дилу рагҳо, диабет ва дигар бемориҳои музмин маълумоти кофӣ пайдо намуданд. Иқдомҳои иттилоотӣ ба таври назаррас ба беҳтар шудани сатҳи солимии аҳолӣ ва коҳиши бемориҳо мусоидат карданд. Ҳисоботҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи ин маъракаҳо сатҳи бемориҳои музмин ва сироятӣ коҳиш ёфтааст.

Ин раванд дар оянда низ идома хоҳад ёфт, зеро маърифати тандурустӣ ва огоҳии бештари аҳолӣ кафолати пешгирии бемориҳо ва баланд бардоштани сифати зиндагии мардум мебошад.

### Дурнамои оянда: Стратегияи рушди соҳаи тандурустӣ

Ҳарчанд дар 9 моҳи соли 2024 ба дастовардҳои назаррас ноил гардидем, ҳанӯз ҳам дар пеш моро вазифаҳои муҳим интизоранд. Стратегияи рушди соҳаи тандурустӣ барои солҳои 2024-2030 як қатор самтҳои афзалиятнокро дар бар мегирад, ки ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ва солимии аҳолии кишвар равона шудааст. Ин стратегия бо мақсади такмили инфрасохтор, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва таъмини баробарии дастрасӣ ба хизматрасониҳо таҳия гардида, аз сармоягузориҳои иловагӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ манфиат мегирад.

Яке аз самтҳои асосии стратегияи рушди соҳаи тандурустӣ таҳкими минбаъдаи инфрасохтори тиббӣ мебошад. Мо дар назар дорем, ки дар давраи солҳои 2024-2030 як қатор муассисаҳои нави тиббӣ, бахусус дар минтақаҳои деҳот ва дурдаст сохта шаванд ва муассисаҳои мавҷуда бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гарданд. Ҳамчунин, ҷорӣ намудани системаи рақамӣ ва платформаҳои иттилоотии тиббӣ ба мустаҳкамшавии низоми тандурустӣ мусоидат хоҳад кард.

Татбиқи технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки дар ҳама минтақаҳои кишвар дастрасии беморон ба маълумоти тиббӣ, аз ҷумла таърихи бемориҳо ва тавсияҳои табибон тавассути платформаҳои электронӣ осонтар шавад. Инчунин, истифодаи воситаҳои рақамӣ барои ташкили машваратҳои онлайн ва муоинаҳои фосилавӣ ба коҳиши вақт ва хароҷоти беморон мусоидат мекунад.

Ҳадафи мо ин аст, ки бо такмили минбаъдаи инфрасохтор ва ҷорӣ кардани технологияҳои пешрафта, хизматрасониҳои тиббиро ба сатҳи ҷаҳонӣ расонем. Стратегияи рушди соҳаи тандурустӣ дар солҳои 2024-2030 инчунин пешбинӣ мекунад, ки мо тавассути ҷалби сармоягузориҳои иловагӣ ва ворид кардани таҷрибаҳои байналмилалӣ сатҳи хизматрасониҳоро боз ҳам баланд бардошта, саломатии аҳолиро беҳтар намоем.



*Аз маҷлиси ҷамъбасти фаъолияти 9-моҳаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ*

# «ТОҶИ СОМОН»

## Кӣ чӣ ҷоиза гирифт?

**Дар «Кохи Суруш»-и шаҳри Душанбе маросими ҷоизасупорӣ ба ғолибони Синамоҷоизаи дуюми миллии «Тоҷи Сомон» таҳти шиори «Қадршиносии ҳунари асил» баргузор гардид.**






Дар ҳамоиш синамогарон аз Эрон, Беларус, Озарбойҷон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Русия, меҳмонон ва дӯстдорони синамои тоҷик иштирок намуданд.

Толори «Кохи Суруш»-ро ҳаводорони синамо пур карда буданд. Намояндагони расмии ҳукумати кишвар ва меҳмонони синамоҷашнвора низ ҳузур доштанд. Ин маросим бо суруду мусиқӣ ва тақдими ҷоизаҳои ҷашнвора ба поён расид.

Ҷоизаҳои синамоҷашнвораи байналмилалии Душанбе - "Тоҷи Сомон" ба филмҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Ҳиндустон, Русия, Чин ва Эрон эҳдо шуд.

Имсол «Шоҳҷоиза»-и Синамоҷоизаи дуюми миллии «Тоҷи Сомон» насиби Муҳиддин Музаффар барои филми «Моҳӣ дар шаст» гардид. Ҷоизаи «Беҳтарин филми мустанад» ба филми «Пайравони ҳақиқат»-и Рустам Шоазимов, «Беҳтарин филми тасвирӣ» ба филми «Зани порсо»-и Фирдавс Насруллозода, «Беҳтарин филми ҳунарӣ» ба «Дар талоши ҳақиқат»-и Манзаралӣ Шералӣ, «Беҳтарин филми дебют» ба филми «Фурӯғ»-и Одина Маҳмад, «Беҳтарин филми ҳунарии кӯтоҳ» ба филми «Модар»-и Нигина Раҷабова, «Беҳтарин коргардон» ба Рустам Отахонов барои филми «Танҳо ту», «Беҳтарин дизайн» ба Восеъ Набиев барои филми «Танҳо ту», «Беҳтарин наворбардор» ба Шуҳрат Қурбонов барои филми «Танҳо ту», «Таваҷҷуҳи тамошобин» ба филми «Ғам»-и Музаффар Шодиев, «Беҳтарин нақши кӯдакона» ба Зулайхои Абдухаким барои филми «Се хоҳарон», «Беҳтарин нақши занона» ба Т аҳмина Раҷабова барои филми «Зиндагӣ зебост», «Беҳтарин нақши мардона» ба Насриддин Нуриддинов барои филми «Зиндагӣ зебост», «Беҳтарин коргардон» барои филми «Зиндагӣ зебост» ба Далер Раҳматов, «Беҳтарин танзим» барои филми «Мактаби мардонагӣ» ба Дилшод Раҳмонов дода шуд.

Ҷоизаи ифтихории Синамоҷоизаи «Тоҷи Сомон» - «Килки заррин»-ро барои «Беҳтарин филмноманавис» Абдурофеъ Рабизода соҳиб гардид. Ногуфта намонад, ки номинатсияи «Килки заррин» нахустин маротиба дар Синамоҷашнвора таъсис дода шудааст.

Ҳамчунин барои иштирок дар ин синамоҷоиза ба филми «Ҳафт марвориди Шинг»-и Аслам Садриддин, «Ҳоло ки ман ҷавонам»-и Ғолибшо Мусоев, «Садои тамаддун»-и Тоҳир Асрориён, «Фарзанди фарзонаи миллат»-и Иззат Самадӣ, «Мавлоно»-и Далер Ҳасанзода ва филми «Ҳафткӯл»-и Шавкат Муҳаммадиев Дипломи Синамоҷоизаи дуюми миллии «Тоҷи Сомон» дода шуд.

Синамоҷашнвораи якуми байналмилалии Душанбе - "Тоҷи Сомон" ба Рӯзи кинои тоҷик бахшида шуда, аз 15 то 18-уми октябр бо ибтикори Муассисаи давлатии "Тоҷикфилм" доир гардид. Имсол ба озмуни Синамоҷоизаи миллии "Тоҷи Сомон" барои иштирок дар рақобат беш аз 50 филми пурра, кӯтоҳ, бадеӣ, мустанад ва тасвирӣ пешниҳод шудааст.

Ёдовар мешавем, ки ҳадафи баргузории ҷашнвора дастгирии ҷавонони эҷодкор, табодули таҷриба, такмили маҳорати филмбардорони ҷавон, муаррифии филмҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба дӯстдорони синамо, таҳияи лоиҳаҳои муштарак, муаррифии самтҳои сайёҳӣ, тарғиби дастовардҳои даврони истиқлол, таҳким ва тавсеаи робитаҳои байналмилалӣ дар киноиндустрия дар доираи "Барномаи рушди синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027" унвон шуда буд.

**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**

# "ПИСАРИ ТОҶИКИСТОН" БА ВАТАН БАРГАШТ

**Дар ҳошияи синамоҷашнвораи "Тоҷи Сомон" роҳбари Хазинаи давлатии филми Русия Денис Аксёнов ба раиси киностудияи «Тоҷикфилм» Маҳмадсаид Шоҳиён нусхаи рақамии филми «Писари Тоҷикистон»-ро, ки соли 1942 таҳия шуда, нусхаи асли он дар Русия маҳфуз аст, ҳадя намуд.**

### Филми замони ҷанг

«Писари Тоҷикистон» филми коргардони шӯравӣ Василий Пронин буда, дар киностудияи Сталинобод (Душанбеи имрӯза) ба навор гирифта шудааст.

Он яке аз 12 филми бадеие мебошад, ки киностудияи «Союздетфильм» (ҳоло киностудияи ба номи М. Горкий) дар якҷоягӣ бо Студияи филмҳои бадеии Сталинобод дар Душанбе сабт кардааст. Ёдовар мешавем, ки «Союздетфильм» солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба пойтахти Тоҷикистон кӯчонида шуда буд ва дар ин ҷо низ бо роҳбарии коргардон Сергей Юткевич ба сабти филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ идома дод.

"Писари Тоҷикистон" аз рӯйи сенарияи Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Е. Помешиков ва Н. Рожков ба навор гирифта шуда, нашрияҳои даврӣ ҳадафи онро "инъикоси иштироки халқи тоҷик дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дӯстии халқҳои Шӯравӣ ва иттиҳоди онҳо дар рӯзҳои вазнини ҷанг" навишта буданд.

Ин филм дар бораи дӯстии ду аскари сурх дар ҷабҳаи ҷанг - Ҳофизи тоҷик ва Ивани рус, ки нақши онҳоро Муҳаммадҷон Қосимов ва Борис Андреев иҷро кардаанд, нақл мекунад. Ҳамчунин дар ин филм Вера Алтайская (нақши Лена), Пётр Савин (ҷанговар), Павел Шпрингфелд (Сангин), Хадича Бобохонова (модари Ҳофиз), Офтоб Исамова (раққоса), Александр Ширшов (навозанда) нақш иҷро кардаанд.

### Сюжети филм

Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Колхозчиён ҳамдеҳаи худ Ҳофизро ба ҷанг гусел мекунанд. Ӯ дар фронт бо аскари рус Ивани сибирӣ дӯстӣ пайдо мекунад. Рӯзе дар разведка Иван ва Ҳофиз дар соҳили баҳр нерӯҳои десантии немисҳоро кашф мекунанд. Онҳо бояд дар маврида маҳали ҷойгиршавии душман ҳамяроқони худро огоҳ мекарданд, аммо ба муҳосира меафтанд ва роҳашон баста мешавад. Бинобар ин, онҳо маҷбур мешаванд, ки дар дара пинҳон шуда, бо душман ба ҷанги нобаробар бароянд. Вале дере нагузашта лавозимоти ҷангиашон ба охир мерасад. Ҷанговарон ноумед мешаванд.



Вале ногаҳон Ҳофиз машки холиеро пайдо мекунад, ки эҳтимол ҷӯпонҳо зери сангҳо пинҳон карда буданд. Ҳофиз машкро дам мекунад ва бо маслиҳати Иван худро ба дарёи кӯҳӣ мепартояд. Ин роҳи ягонаи баромадан аз дара буд. Ҳофиз бо ёрии машк шино карда, ба ҳамяроқонаш мерасад ва ҷойи душманро хабар медиҳад. Отряди советӣ роҳи нерӯҳои десантии душманро бурида, онро несту нобуд мекунанд. Ҳофиз вақте дӯсташ Иванро пайдо мекунад, ӯ захмӣ шудаву дар ҳолати марг буд. Ӯ савганд меҳӯрад, ки қасоси ӯро аз душман меситонад.

### Назарҳо дар бораи филм

"Писари Тоҷикистон" моҳи январи соли 1943 ба экран баромад. Он на фақат дар Тоҷикистон, балки дар саросари Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳамчунин дар фронт ба аскарони советӣ намоиш дода шуд.

Матбуоти давр дар бораи ин филм хабар дода, онро муваффақияти киностудияи «Союздетфильм» ва Студияи филмҳои бадеии Сталинобод арзёбӣ намудаанд.

Вале баъдан мунаққидон оид ба ин филм назарҳои гуногуни интиқодӣ нашр карданд. Аз ҷумла мунаққидон ба "схемавӣ будани образи аскари шӯравӣ", "барҷаста инъикос наёфтани образҳо" эрод гирифта, арзиши ҳунарии филмро кам арзёбӣ намуданд. Ҳамин аст, ки баъд аз солҳои 50-ум ин филм ба гӯшаи фаромӯшӣ рафт.

Вале барои мо тоҷикон "Писари Тоҷикистон" арзиши баланди таърихӣ дорад, зеро он нахустин филмест, ки дар он нақши тоҷикон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ инъикос ёфтааст. Ҳамчунин, аввалин филмест, ки дар бораи ин ҷанг дар Тоҷикистон сабт шудааст. Дар ин филм ҷоннисориҳои мардони тоҷик дар ҷанг (Ҳофиз), рӯзгори сангини мардуми тоҷик дар ақибгоҳ (модари Ҳофиз) ва урфу одатҳои тоҷикон, аз қабили гусел ба аскарӣ, рақси миллӣ ва ғайра таҷассум ёфтааст. Ҳамчунин, ин филм нахустин кори шоири тоҷик Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар сенариянависӣ мебошад.

### Бозгашт

Акнун, шояд суоле сар мезанад, ки чаро филми худамонро раиси Хазинаи давлатии филми Русия ба мо ҳадя мекунад?

Посух чунин аст: Солҳои 90-ум, дар давраи бесарусомонӣ хазинаи филмҳои "Тоҷикфилм" ба коми оташ меравад. Ҳамин аст, ки аксари филмҳо нобуд мешаванд. Хушбахтона, дар даврони Шӯравӣ як нусха аз филмҳо ҳатман ба бойгонии Кинои Марказӣ ба Москва фиристода мешуд. Пас аз пошхӯрии Шӯравӣ он ба Хазинаи давлатии филмҳои Русия табдили ном кард. Хушбахтона, дар даврони соҳибистиқлолӣ аксари филмҳо аз ин хазина барқарор шуданд. Ва инак, "Писари Тоҷикистон" ҳам ба Ватан баргашт.

**О. НОЗИР**

# МОДАРИ ФАРЗАНДФУРӮШ

**Милитсияи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров як занро бо иттиҳоми талоши фурӯши духтари хурдсолаш бар ивази 15 ҳазор доллари ИМА боздошт кардааст.**



Раёсати ВКД дар вилояти Суғд хабар медиҳад, ки “ин зан сокини ноҳияи Ашт буда, талош кардааст дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров духтарашро фурӯшад”.

“Зани 26-сола аз ноҳияи Ашт С. Турсунбоева санаи 9-уми октябр дар ҳудуди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров мехост духтарчаашро ба “харидори шартӣ” бар ивази 15 ҳазор доллар фурӯшад. Ҳангоми ба даст овардани маблағи пешакӣ мувофиқашуда аз ҷониби милитсияи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров боздошт шуд”,- зикр мешавад дар барномаи телевизионии Раёсати ВКД дар вилояти Суғд - “Милитсия хабар медиҳад”.

Дар барнома зан иқрор мешавад, ки “баъди пош хӯрдани оилааш мехост кӯдакро фурӯшад ва хона харад, то дар хонаи волидон зиндагӣ накунад”.

Айни ҳол нисбати С. Турсунбоева бо моддаи 167 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Хариду фурӯши ноболиғон) парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудааст. Ин банди қонун маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт солро пешбинӣ мекунад.

# ГАДОӢ - МАНБАИ ДАРОМАД

**Кормандони Раёсати ВКД дар вилояти Суғд аз боздошти оилае хабар медиҳанд, ки бо вуҷуди ниёзманд набудан ба талбандагӣ машғул буданд.**

Ин оила, ки дар назди маркази тиҷоратии “Амид” гадоӣ мекарданд, ду хонаи шахсӣ ва се мошини сабукрав, ҳамчунин шароити хуби молӣ доштаанд. Дар ин бора «Ахбори ВКД» хабар медиҳад.

Тутихон Раҳимоваи 40-сола ҳамроҳи кӯдаконаш ба хиёбон барои гадоӣ мебаромаданд. Онҳоро сарвари оила Муродҷон Ғафуров бо мошини шахсиаш оварда мебурдааст. Зимни тафтишот муайян гардид, ки ин хонавода 3 мошини сабукрав, аз ҷумла як электромобил доранд ва ду мошинашонро ба иҷора медодаанд.

Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки фарзандони ин оила ба дарсҳо нарафта, ба модарашон дар “талбандагӣ” кумак мекардаанд.




# МЕХОСТ ҲАМСАРАШРО БИКУШАД...

**Як сокини 45-солаи Қубодиён барои қасди куштори ҳамсараш 16 сол равонаи зиндон шуд. Ин мард аз ҳиссиёти рашк дар ҳолати мастӣ ҳамсарашро корд задааст. Дар ин бора аз Прокуратураи вилояти Хатлон хабар медиҳанд.**



Гуфта мешавад, ки Собирҷон Муртазоев дар ҳолати мастӣ рӯзи 17-уми майи соли равон бо корд се маротиба ба қафаси синаи ҳамсараш задааст. “Собирҷон Муртазоев аз ҳисиёти рашк гумонбар шудааст, ки занаш Ф. Ш. бо ҳамсояаш Д. С. муносибат дорад. Аз ин хотир, дар ҳолати мастӣ корд гирифта, ба хонаи ҳамсояаш рафта, ба қафаси синаи занаш се корд мезанад. Д. С. кӯшиш мекунад занро наҷот диҳад, вале Собирҷон Муртазоев ба шиками ӯ ҳам як корд мезанад. Ҳамсояҳо Ф. Ш.-ро бо захми корд ба беморхона интиқол медиҳанд ва табибон ӯро аз марг наҷот медиҳанд”,- гуфтанд аз додситонии вилоят рафти ҳодисаро.

# БОЗДОШТИ СЕ ЗОДАИ ТОҶИКИСТОН ДАР ӮЗБЕКИСТОН

**Кормандони хадамоти бехатарии Ӯзбекистон як гурӯҳи калони нашъаҷаллобонро дастгир кардаанд, ки дар байнашон 3 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ будаанд.**

Аъзои ин гурӯҳ кӯшиш кардаанд, ки 10 кг 50 грамм маводи нашъадорро ба ҷумҳурӣ ворид намоянд.

Ба иттилои расонаҳо, гурӯҳи нашъаҷаллобон дар ноҳияи Узуни вилояти Сурхандарё боздошт шудаанд. Гуфта мешавад, ки онҳо маводи муҳаддирро аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон гузаронидаанд. Дар минтақаҳои дигари Ӯзбекистон низ маводи муҳаддир пайдо ва мусодира карда шудааст. Дар маҷмӯъ 47,2 кг маводи гуногуни нашъаовар аз Афғонистон тавассути Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Ӯзбекистон ворид карда шуда, аз ҷониби мақомоти ӯзбек нисбати дигар боздоштшудагон, ки дар байни онҳо низ зодагони Тоҷикистон ҳастанд, парвандаи ҷиноӣ оғоз карда шудааст. Ба дастгиршудагон ҳабси тӯлонӣ таҳдид мекунад.



Ин алакай дувумин ҳодисаи боздошти нашъаҷаллобон аз Тоҷикистон дар қаламравӣ Ӯзбекистон мебошад. Моҳи сентябри соли равон 5 нафар шаҳвандони кишвари мо дар ҷумҳурии ҳамсоя бо 15 кг нашъа ба чанг афтоданд, ки аз 3 нафари дигар низ ҳудуди 3 кг маводи нашъовари гашиш ёфт шуда буд.



**Дар Варзоб як ҷавони 26-сола ба оташзании автомашинаи падараш гумонбар дониста мешавад. Сабаби оташзанӣ норозигии писар будааст, зеро падараш ба ваъдаи харидани мошин ба ӯ вафо накарда, бо оташзании мошин писараш аз ӯ қасос гирифтан мехостааст.**

ВКД хабар медиҳад, ки сокини Чорбоғ ба милитсия муроҷиат карда, изҳор мекунад, ки шахси номаълуме мошини ӯ - тамғаи Toyota Camry-ро дар ҳавлии хонааш оташ задааст. Дар ҷараёни ҷорабиниҳои фаврӣ гумонбари ин амал боздошт мешавад, ки писари ӯ Сорбон Гулови 26-сола будааст.



**Суди шаҳри Хуҷанд Ҷамшед Аминов, сокини 46-солаи ин шаҳрро бо ҷурми ҷонибдорӣ кардани навору навиштаҳои хусусияти динидошта дар шабакаҳои иҷтимоӣ 5 сол равонаи зиндон кард.**

Шаҳриёр Искандарзода, додраси Додгоҳи вилояти бо тасдиқи ин хабар ба “Азия-Плюс” гуфт, ки Ҷамшед Аминов 15-уми август, мувофиқи моддаи 307, қисми 3-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгарой)) айбдор дониста шуд.



**Расулова Зокирахон ва Раҷабзода Меҳрона, сокинони 19 ва 20-солаи шаҳри Душанбе, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ мунтазам аксу наворҳои ғайриахлоқӣ паҳн мекардаанд, аз ҷониби кормандони милитсияи пойтахт дастгир карда шудаанд.**

Бино ба иттилои Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, ҳамзамон, зимни санҷиш ноболиғ Расулова М., ки дар наворҳои ғайриахлоқии онҳо инъикос ёфтааст, низ ба милитсия дастрас карда шудааст. Вобаста ба ин, бо қарори суд нисбати Расулова З. ҳабси маъмурӣ ба муҳлати 5 шабонарӯз ва нисбати Раҷабзода М. ҷаримаи маъмурӣ таъин карда шудааст.

# 10 МАҲСУЛОТЕ, КИ ОДАМРО ДОНО МЕКУНАНД

**Бисёриҳо бар он андешаанд, ки зиракию доноӣ қобилияти ирсӣ буда, аз насл ба насл мегузарад, яъне падару модар агар оқилу донишманд бошанд, фарзанди онҳо ҳам донишманд мешавад. Аммо олимон ин андешаро рад карда, мегӯянд, ки байни қобилиятҳои ақлонии инсон ва ғизое, ки истеъмол мекунад, робитаи хеле зич вуҷуд дорад. Барои беҳтар гаштани қобилияти фикррониӣ одам бояд ғизоҳои гуногунро истеъмол намояд. Хӯрданиҳое ҳастанд, ки кори майнаи сари инсонро тезонида, боиси мустаҳкам гаштани хотира ва ба осонӣ аз худ намудани ҳама гуна маълумот мегарданд.**



Мехоҳед дар бораи ғизоҳое, ки касро оқилу доно мегардонанд, маълумот бигиред? Пас, ба 10 ғизое таваҷҷуҳ кунед, ки кори майнаи сарро фаъол мегардонанд.

**1.** Барои фаъолияти хуби майнаи сар ҷисми инсон ба сафедаҳо ниёз дорад. Барои таъмини организм бо сафедаҳо бештар гӯшт, моҳӣ, тухм, донагӣ ва чормағз хӯрдан лозим аст.

**2.** Барои он ки майнаи шумо хуб кор кунад, ҷисматон бояд бо оҳан таъмин бошад. Оҳан дар таркиби гӯшт, нахӯд, мош ва сабзавоте, ки баргҳояшон сабзи баланд ҳастанд, зиёд аст.

**3.** Кислотаҳои равғанин, аз ҷумла Омега-3 кори майнаи сари инсонро фаъол гардонида, барои тезтар аз худ намудани донишҳои нав ба нав ёрӣ мерасонад. Кислотаҳои равғанин дар таркиби донаи офтобпараст, навъҳои серравғани моҳӣ, равғанҳои растанигӣ ва чормағз фаровон буда, истеъмоли ин хӯрданиҳо ба беҳтар гаштани қобилияти азхуднамоии ҳама гуна илму дониш ёрӣ мерасонад.

**4.** Холин - ин модда низ барои фаъолияти хуби майнаи сар хеле муҳим мебошад. Холин дар таркиби ҳама гуна намудҳои гӯшт, маҳсулоти ширӣ ва тухм мавҷуд аст, бинобар ин, ҳарчи бештар истеъмол намудани маҳсулоти номбаршударо ба шумо тавсия медиҳем.

**5.** Йод ҳам дар хуб кор кардани майнаи сар нақши муҳим дорад. Аз ҳамин хотир, ба шумо маслиҳат медиҳем, ки бештар моҳӣ ва маҳсулоти баҳрӣ истеъмол намоед, зеро дар таркибашон йоди зиёде доранд.

**6.** Витамини А - кори майнаи сарро фаъол мегардонад. Ин витамин дар таркиби ҷигар, сабзӣ ва кабудиҳо зиёд аст. Ба шахсоне, ки бештар кори фикрӣ мекунанд, бештар истеъмол намудани ин маҳсулотро тавсия медиҳем.

**7.** Витамини D - ин витамин ҳам барои фаъолияти бонизоми майнаи сар ёрӣ мерасонад. Витамини мазкур дар таркиби моҳии серравған ва дигар маҳсулоти сервитамингардонидашуда фаровон буда, истеъмолашон ба мустаҳкам шудани хотира ва қобилияти фикрӣ мусоидат менамояд.

**8.** Витамини В 6 - барои хуб кор кардани майнаи сари инсон мисли обу ҳаво зарур аст. Ин витамин дар таркиби маҳсулоти гӯштӣ, картошка, моҳӣ ва қариб ҳама намудҳои мевагӣ вуҷуд дорад.

**9.** Витамини В 12 - ин витамин дар таркиби гӯшт, моҳӣ, тухм, маҳсулоти ширӣ фаровон буда, шахсоне, ки ҳамарӯза ин маҳсулотро истеъмол мекунанд, нисбат ба дигарон дар корҳои ба илму дониш алоқамандӣ пешравтар хоҳанд гашт.

**10.** Синк - барои фаъолияти хуби майнаи сар хеле муҳим мебошад. Он дар таркиби гӯшти гов, гӯшти паранда, қариб ҳама намудҳои моҳӣ, маҳсулоти ширӣ ва навъҳои гуногуни чормағз мавҷуд буда, маҳсулоти номбаршуда барои оқилу доно шудани кас ёрӣ мерасонанд.

## АНАНАС - ҒИЗО БАРОИ НУРИ ЧАШМ

**Барои кам кардани хатари дилзанак, инсулт ва дигар бемориҳои дилу рагҳои хунгард бештар ананас истеъмол кардан лозим аст.**

Дар таркиби ананас калий вуҷуд дорад, ки барои табобати гипертония беҳтарин даво аст. Ананас бо шарофати миқдори зиёди бета-каротин ва витамини А доштанаш ба саломатии чашм таъсири мусбат мерасонад. Ин мева хатари нобино шуданро дар пиронсолӣ кам мекунад. Баъд аз истеъмоли хӯроки зиёд як пора ананас хӯрдан кифоя аст, ки меъда хуб кор кунад.



## ХАТАРИ ЗУКОМ БА ЗАНИ ҲОМИЛА



**Бисёриҳо зукомро ҳатто беморӣ ҳисоб намекунанд, вале дар асл касалии хатарнок аст, махсусан барои занони ҳомила.**

Табобат накардани зуком метавонад боиси ба бемориҳои дигари вазнин, аз ҷумла пневмония гирифтор шудани зани ҳомила гардад. Зукомро аз сар гузаронидани зан дар семоҳаи дуюми ҳомилагӣ хатари бештар дорад, чунки дар ин давра бачадони зан калон шуда, ба шуш фишор меорад.

Барои пешгирии зуком зани ҳомила бояд ғизоҳои сервитамин истеъмол карда, иммунитети худро пурқувват созад ва аз одамоне, ки ба зуком гирифтор ҳастанд, худро дур гирад.

Роҳи дигари пешгирии зуком ҳавои хонаро тез-тез тоза карда истодан мебошад.

Дар сурати пайдо шудани нишонаҳои аввалини зуком, аз қабили атсазании бардавом, рафтани оби бинӣ, сулфа ва баландшавии ҳарорати бадан фавран ба духтур муроҷиат кардан лозим аст.

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Тамоми корҳои худро ба нақша гирифта, баъдан амал намоед. Нимаи дуюми ҳафта бар асари фаромӯшхотирӣ ва фориғболӣ ба ғалат роҳ дода метавонед. Ба ҳеҷ ваҷҳ кӯшиши бедор намудани рашки худро накунед, вагарна оқибаташ бар зарари худатон хоҳад буд.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Дар ин ҳафта аксари намояндагони ин бурҷ диққати худро ба ҳамкориҳо равона месозанд. Вохӯрӣ бо дӯстону ҳамфикрон шодиву нишоти зиёд меорад. Аввали ҳафта эҳтимоли аз нигоҳи аввал ошиқ шуданатон вуҷуд дорад. Натиҷаи заҳматҳоятонро мебинед.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Азбаски қобилияти дарк намудани дурӯғу найранги атрофиёнро пайдо мекунед, аз доираи нафарони шубҳанок дурӣ ҷӯед. Ба овозаву ғайбатҳо диққат надиҳеду кӯшиши худро сафед карданро низ накунед. Масунияти бадан ва узвҳои хунгарди дил заиф мегарданд.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Бо сабаби ҳардамхаёлӣ ва фориғболӣ дар ҷои кор ҷароҳат бардоштанатон имкон дорад. Агар қаблан дар муносибатҳои шумо бо дӯстдоштаатон дилсардие дида мешуд, айни замон тамоми нофаҳмиҳо рафъ мегарданд.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Дар ин ҳафта иваз намудани ҷои корро маслиҳат намедиҳем, вале бозгашт ба корҳои пешина боиси ба даст овардани даромади пулӣ мегардад. Аксари асадҳои муҷаррад бахти худро пайдо месозанд. Баробари худро нотоб ҳис карданатон ба табиб муроҷиат кунед.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Нафароне, ки корашон бо шумораи зиёди одамон алоқамандӣ дорад, зуд хаставу нотоб мегарданд. Нафарони муҷаррад ба нафаре дил мебанданд, ки ба дилаш роҳ ёфтан кори саҳлу осон нест. Узвҳои ғадуди сипаршакл ва ғадудҳои савдо заиф мегарданд.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Дар ин ҳафта имкони ҷалб намудани диққати атрофиёнро ба шахсияти худ пайдо мекунед. Имкониятҳои муфидро аз даст надиҳед. Кӯшиш намоед, ки ба муносибатҳои ошиқонаи шумо наздикону пайвандон даховлат накунанд. Ба саломатии гурдаҳо диққати хоса диҳед.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Барои он ки бо суҳбатҳои беҳуда аз корҳои муҳими худ қафо намонед, аз ҳузури нафарони сергап дурӣ ҷӯед. Дар хонаи ақрабҳои оиладор ҷангу муноқиша ба амал меояд. Гап сари он аст, ки ҳамсар ё шахси дӯстдоштаатон аз шумо меҳру муҳаббати бештареро талаб мекунад.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Нафароне, ки дар ҷустуҷӯи ҷойи нави корӣ ҳастанд, барор ҳамсафарашон гашта, кори табъи дили худро пайдо месозанд. Қавсҳои оиладорро ҳафтаи серташвиш интизор аст. Баъзеҳо сардшавии муносибатҳояшонро бо ҳамсафари ҳаётӣ эҳсос мекунанд.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Меҳнатдӯстӣ ва серғайратӣ самараи нек медиҳад. Нафароне, ки нияти сохтмон ё таъмири хонаро доранд, метавонанд корро сар кунанд. Бо рафъ намудани мушкилоти оилавӣ машғул шуда, муносибатро бо наздикон бад насозед. Хатари рух додани муноқишаҳои оилавӣ вуҷуд дорад.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Таваҷҷуҳи атрофиён нисбати шахсияти шумо зиёд гашта, бар асари он коратон пешрав ва вазъи молиявиатон беҳтар мегардад. Боэҳтиёт бошед, ба бухлу ҳасад ва макру ҳилла рӯ ба рӯ нагардед. Нафарони муҷаррад ҳангоми шиносшавӣ бо нафаре душворӣ мекашанд.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Танқиду хӯрдагирии нафареро дар ҷойи кор оромона гӯш кунед. Ҳолати руҳии шахси дӯстдоштаатон аз чӣ гуна будани табъи шумо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, кӯшиш намоед, ки ханда аз лабатон дур нагардад. Бештар дар ҳаракат бошеду аз асабоният худдорӣ намоед.

# КОНСТИТУТСИЯ ВА ТАЪМИНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ



*Искандар РАҲМАТЗОДА, прокурори шаҳри Панҷакент*

**6-уми ноябри соли 2024 мардуми Тоҷикистон 30-юмин солгарди Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро ҷашн мегиранд.**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ки аз дебоча, 10 боб ва 100 модда иборат мебошад.

Табиист, ки таъмини пешрафти ҷомеа дар заминаи шароиту хусусиятҳои маҳалливу миллӣ қабулу такмили қонунгузории миллиро талаб мекунад. Аз ин ҷост, ки 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ се маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Ин тағйиру иловаҳо бо дарназардошти дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, инкишоф ва тағйир ёфтани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, зарурати такмили сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ба талаботи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мувофиқ гардонидани меъёрҳои конститутсионӣ ва таъмини пешрафти минбаъдаи ҷомеа ба вуқуъ пайвастанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги мардуми Тоҷикистон буда, заминаи ҳуқуқии бунёди давлати тозабунёд ва соҳибистиқлоли тоҷикон, шакли ифодаи ҳуқуқии ормонҳои давлатдории миллӣ, ҳимояи ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ, осори таърихӣ ва фарҳанги миллӣ мебошад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон, дахлнопазирии ҳудуди кишвар, моҳият ва вазифаҳои давлат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, забони давлатӣ, рамзҳои давлатӣ ва шаклҳои давлатдории Тоҷикистон, ҳадафҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, асосҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон эълон шудаанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати Тоҷикистонро чун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон мекунад. Ин меъёр ҷавобгӯи ҳадаф ва талаботи инкишофи ҷомеаи демократӣ дар ҷаҳони мутамаддин буда, ҳоло дар конститутсияҳои ҳамаи давлатҳои демократии дунё ифода гаштааст. Аз тариқи меъёри зикршуда Тоҷикистон худро аъзои ҷомеаи башар, муборизи арзишҳои ҳуқуқӣ, қонун ва демократия эълон мекунад. Ҳамзамон пуштибонӣ аз манфиатҳои давлати миллӣ, пеш аз ҳама, соҳибихтиёрӣ ва истиқлоли давлатӣ дар назар аст.

Конститутсия давлати Тоҷикистонро чун давлати иҷтимоӣ эълон намудааст, ки дар он барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона таъмин карда мешавад. Бояд гуфт, ки андеша ва назарияи давлати иҷтимоӣ ҷузъи таҷрибаи давлатдории ҷаҳони мутамаддин буда, дар конститутсияҳои давлатҳои Аврупо ва кишварҳои дигар барои таъмини шароити зиндагии арзандаи ҳар фарди ҷомеа нигаронида шудааст. Ифодаи меъёри мазкур дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини доираи васеи ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии шаҳрвандони Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди сокини кишвар, аз ҷумла таъминоти моддиву иҷтимоии нафақахӯрон, ятимон, маъюбон, гирифтани пеши роҳи нобаробарии иқтисодии байни гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, таъмини инкишофи озодонаи ҳар шахс хизмат мекунад. Дар заминаи ин меъёри конститутсионӣ ҳадафҳо, мазмун ва самтҳои сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон муайян шудаанд, миқдори зарурии қонунҳо, барномаҳо ва дигар чорабиниҳои давлатӣ амалӣ шуда истодаанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди миллӣ буда, муқаддасоти миллӣ, андешаи давлатдории миллӣ, истифодаи васеи анъанаҳо ва осори таърихии миллиро эълон ва таъмин мекунад.

# АРАБШИНОСИ НОМВАР

**Бузургони шарафманди мо фармудаанд, ки агар ба касе некӣ карданӣ бошед, ба ӯ моҳӣ надиҳед, балки ӯро моҳидорӣ омӯзед. Ин ҳикмати ҷовидонаи гузаштагонро устоди арҷманди мо, арабдон ва шарқшиноси шинохта, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Нурулло Ғиёсов дар зиндагии хеш татбиқ намудаанд, зеро ба мо шогирдон назокатҳои касби хешро омӯзониданд. Ба қавле, на моҳӣ, балки моҳидорӣ дар баҳри илмро омӯхтанд.**

Устод дар 45 соли фаъолияти кории хеш дар ҷодаи илм ҷадал намуда, бештар аз 10 китоби илмиву дарсӣ навишта, наздик ба 10 асари арзишманди адабиву таърихӣ, луғатномҳаҳои муътабарро тасҳеҳ ва нашр намуданд. Аз ҷумла: “Сарфи забони арабӣ” (2002), “Наҳви забони арабӣ” (2004), “Забони арабӣ”, “Маноқиби Имоми Аъзам”, (2011), “Назарияи луғатшиносӣ” (2012), “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” (бо ҳаммуаллифӣ, дар ду китоб ва ҳафт муҷаллад, 2007), “Сомониён дар оинаи таърих” (бо ҳаммуаллифӣ, дар ду ҷилд, 1998), “Донишномаи Сомониён” (бо ҳаммуаллифон, ҷ. 1, 2008, ҷ. 2, 2009, ҷ. 3, 2019), “Донишномаи Қадархон” (бо ҳаммуаллифӣ, 2013), “Тарҷумаи Таърихи Яминӣ” (2013), “Луғати Фурс” (2015), “Тӯҳфат-ул-хонӣ” (бо ҳаммуаллифӣ, 2017) ва ғайра.

Дастовардҳои устод дар пешрафти илму маорифи кишвар воқеан беназир ҳастанд, зеро муддати бештар аз 30 соле, ки дар факултети забонҳои Шарқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” фаъолият доранд, шогирдонашон на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз он, дар мамлакатҳои хориҷи дуру наздики дунё ҳамчун кормандони муваффақи риштаҳои омӯзгорӣ, тарҷумонӣ ва дипломатӣ фаъолият доранд ва ҳамеша устодро бо некӣ ва ифтихор ном мебаранд.

Устод Нурулло Ғиёсов солҳо ҳамчун сарвари факултети забонҳои Шарқи Донишгоҳ фаъолияти босамар доштанд. Аз оғози фаъолияти он то кунун барои ҷорӣ намудани равандҳои пешқадами таълиму таҳсил талош намуда, бевосита худ чандин китобҳои дарсӣ низ навиштаанд, ки онҳоро мо имрӯз дар раванди таълими сарфу наҳви забони арабӣ босамар истифода мебарем. Дар канори ин, ҳамчун донишманди соҳибназар дар тарбияи шогирдони зиёде саҳмгузоранд. Беш аз 10 нафар дар давоми солҳои охир рисолаҳои номзадии хешро таҳти раҳнамоиҳои устод дифоъ намудаанд.

Заҳматҳояшон дар таълифи дуҷилдаи “Донишномаи Сомониён” низ сутуданист, зеро муҳимтарин мадхалҳоро дар ин асари муҳташам навиштаанд, ки ба саҳми бузургашон дар сомонишиносии тоҷик ишорат мекунад. Фаъолият ба ҳайси директори Маркази пажӯҳиши тамаддуни Сомониён дар давоми солҳои 2001-2007 гувоҳ бар ҳақиқати ин амр аст, ки дар рушди таҳқиқоти сомонишиносӣ нақши муҳим гузошта меоянд.

Заҳматҳои бисёрсолаи устод дар риштаи тадрис ва пажӯҳиш бо ҷоизаҳои бонуфузи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон - “Пайванд” ва бунёди “Манучеҳри фарҳангӣ”, инчунин Ҷоизаи адабии ба номи Камоли Хуҷандӣ тақдир шудаанд.



Дар ин фурсатҳои зебои умр устоди арҷманд Нуруллоҳ Ғиёсов ба синни муборaки 70 қадам мегузоранд. Мо шогирдон барои эшон тани сиҳат, офияти комил ва дар корҳои илмияшон барор мехоҳем.

**Маърифат АНВАРОВА, номзади илмҳои филологӣ**

## МАВЛУДНОМА

**• 24 ОКТЯБР •**

**Уктамалӣ Сатторов** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Ҳалим Тоҳиров** (1914-1989), 110-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Иля Селванский** (1899-1968), 125-солагии зодрӯзи нависандаи рус, мутарҷими осори Садриддин Айнӣ ва адибони классики форстоҷик.

**• 25 ОКТЯБР •**

**Дилафрӯз Икромӣ** (1939), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Иван Кузнетсов** (1904-1979), 130-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ.

**Фарзони Нарзӣ** (1964), 60-солагии зодрӯзи шоир.

**Бобомурод Турдимуродов** (1909-1993), 115-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Кирей Ҷумъагозин** (1929), 95-солагии зодрӯзи ҳайкалтарош.

**Шарифбек Ҷӯразода** (1964), 60-солагии зодрӯзи муаррих-шарқшинос.

**• 26 ОКТЯБР •**

**Нурулло Ғиёсов** (1954), 70-солагии зодрӯзи адабиётшинос-шарқшинос.

**Иля Земтсов** (1924-1997), 100-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа.

**Ҷамолиддини Ҳумоӣ** (1899-1980), 125-солагии зодрӯзи шоир ва адабиётшиноси эронӣ.

**• 27 ОКТЯБР •**

**Исроилҷон Исмоилов** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ.

**Ираида Кийко** (1929), 95-солагии устоди мусиқӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Сахидод Хоркашев** (1964), 60-солагии зодрӯзи забоншинос.

**• 28 ОКТЯБР •**

**Шодимурод Дӯстбоев** (1944), 80-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

**Волф Хазан** (1914-1980), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Муҳаммадшофеи Шерозӣ** (1909-1970), 115-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

**Радий Фиш** (1924-2000), 100-солагии зодрӯзи нависанда ва адабиётшиноси рус, муаллифи китобҳо дар бораи Ҷалолиддини Балхӣ ва Садриддин Айнӣ.

**• 29 ОКТЯБР •**

**Қулмаҳмад Абдулҳусейнов** (1929-1993), 95-солагии зодрӯзи нависанда.

**Ҳаким Носиров** (1929-1982), 95-солагии зодрӯзи забоншинос (русӣ).

**Набихони Чустӣ** (1904-1980), 120-солагии зодрӯзи шоир.

**Иван Шаров** (1914-1988), 110-солагии олими соҳаи тиб.

**Евгений Примаков** (1929), 95-солагии зодрӯзи шарқшинос, арбоби давлатии рус, узви хориҷии АМИ Тоҷикистон.

**• 30 ОКТЯБР •**

**Бахтдавлат Муродбеков** (1919-1998), 105-солагии зодрӯзи қутоспарвар, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Толмас Сайфиддинов** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Нусрати Раҳмонӣ** (1929-2000), 95-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА, Ҳ. АМРИДДИН, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун дар реестри №1к-413, аз санаи 29.05.2001, аз номи Рустамов Раҳим ба номи Рустамов Қаҳрамон Раҳимович ва Рустамов Бахтиёр Раҳимович, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Гулистон, уч. Ҳалқаҷар, хонаи 435, ки дар идораи нотариалии давлатӣ ба расмият даровара шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи ҶДММ "Бурди Парвиз", РЯМ: 0210031241, РМА: 020056971, ки соли 2022 дар Нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият даровара шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтарчаи меҳнатӣ, AT-IX №0004072, ба номи Рахматова Рудоба Рахимбековна, ки санаи 17.08.1993 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯш тахти феҳристи №1Ш-1202 аз 25.12.2008 бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Эсанбой, деҳаи Маргизор, ба номи Матвеева Людмила Николаевна, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи шаҳрвандӣ, A05466253, ба номи Элмуродов Асрор Бобоназарович, ки санаи 31.07.2024 аз ҷониби ШВКД дар ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Қодыров Беҳруз Додарбекович, №0460735, РЯМ: 1230221126, РМА: 125471057, ки санаи 16.12.2021 дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият даровара шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ бо реестри №7044, ба номи Икромова Саёҳат Раҳматовна, ки санаи 25.11.2009 бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Ҳ. Ҳаким-зода 45 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Миралиев Орзу Субҳонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Назаршоев 88, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Аттестати синфи 11, №142069, ба номи Шарипова Зулфиямо Миралиевна, ки санаи 19.06.1991 аз ҷониби МТМУ №1 ба номи С. Айнӣ, ноҳияи Ҳамадонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1242011, ба номи Ашурмамадова Самира Алиёровна, ки соли 2024 аз МТМУ №8-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи СИ Мансуров Абдурасул, РЯМ: 0730096657, РМА: 075252272, аз санаи 08.07.2014, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Патенти СИ Рузиматова Нилуфар, РЯМ: 0730107859, РМА: 076020671, аз санаи 25.02.2015, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

►ҶДММ "Хӯроки Дастрас", РЯМ: 0410042545, РМА: 040065156, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►Соҳибкори инфиродӣ ба номи Қодыров Беҳруз Додарбекович, №0460735, РЯМ: 1230221126, РМА: 125471057, фаъолияташро қатъ менамояд.

►ҶДММ "Раззоқ-2015", РЯМ: 0710009392, РМА: 070016155, аз 02.01.2015 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Асалулло Наибов, РМА: 335313602, РЯМ: 3330039992, барҳам мехӯрад.

►Кооперативи тиҷоратии «Зоир 3», РМА: 3310006911, РЯМ: 330011163, барҳам мехӯрад.



ҶОМИ ТОҶИКИСТОН

# «РЕГАР-ТАДАЗ» БО ШИКАСТ ДОДАНИ «ХУҶАНД» БАРАНДА ШУД

**20-уми октябр финали Ҷоми Тоҷикистон дар мавсими 2024 миёни дастаҳои “Регар-ТадАЗ” ва “Хуҷанд” доир шуд. Вохӯрии дастаҳо дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Истаравшан дар ҳузури 13 250 нафар мухлис баргузор шуда, бо ҳисоби 2 бар 1 ба фоидаи “Регар-ТадАЗ” ба анҷом расид.**




Ҳамаи голҳо дар ин дидор дар нимаи аввал зада шуданд. Ҳисоб дар дақиқаи 11-ум боз шуд, ки легионери камерунии “Хуҷанд” Тони Бикатал муаллифи худгол гардид.

Пас аз 6 дақиқа тӯби дуюмро легионери ганагии «Регар-ТадАЗ» Эммануэл Квадво Фримпонг ба дарвозаи ҳариф зад. Дар дақиқаи 36-ум ҳимоятгари дастаи “Хуҷанд” Фирӯз Қараев аз ҷаримаи 11-метра ҳисобро коҳиш дод. Дар идома Караев пас аз қоидавайронкунӣ дар дақиқаи 67-ум корти сурх гирифта, бозибадар шуд.

Ҳамин тавр, «Регар-ТадАЗ»-и шаҳри Турсунзода дар бозии душвори марҳилаи ниҳоӣ бар «Хуҷанд» ғолиб омада, маротибаи ҳафтум барандаи Ҷоми Тоҷикистон шуд. Пеш аз ин даста солҳои 2001, 2002, 2005, 2006, 2011 ва 2012 дар Ҷоми Тоҷикистон пирӯз шуда буд. Бо шарофати ин пирӯзӣ дастаи «Регар-ТадАЗ» ҳаққи муаррифии Тоҷикистонро дар Лигаи Чемпионҳои 2-и Осиё дар мавсими 2025/26 ба даст овард.

Ёдовар мешавем, ки беҳтарин бозигари вохӯрӣ легионери ганагии “Регар-ТадАЗ” Эммануэл Квадво Фримпонг дониста шуд. Ба ҷуз ин ҷом, барандаи Ҷоми Тоҷикистон-2024 дастаи «Регар-ТадАЗ» ба маблағи 60 ҳазор сомонӣ дарёфт кард.

ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲО

# «ИСТИҚЛОЛ» АЗ ДАСТАИ «АЛ-ВАҲДАТ»-И УРДУН ШИКАСТ ХӮРД




**Дар даври сеюми марҳилаи гурӯҳии Лигаи дуюми чемпионҳои Осиё дастаи “Истиқлол” аз Тоҷикистон ва “Ал-Ваҳдат” аз Урдун бозӣ карданд. Вохӯрии дастаҳо дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе баргузор шуд ва бо ҳисоби 0:1 ба фоидаи дастаи меҳмон анҷом ёфт.**

Голи ягонаро Баҳо Файсал дар дақиқаи 51-ум зад. Футболбозони тими “Истиқлол” дар ин вохӯрӣ имкониятҳои зиёди голзанӣ доштанд, лек онҳоро истифода бурда натавонистанд. Ин бохти сеюми пайиҳами “Истиқлол” дар марҳилаи гурӯҳии Лигаи дуюми чемпионҳои Осиё аст. Дар ду бозии қаблӣ дастаи Душанбе аз “Шарҷа” (0:1) ва “Сипоҳон” (4:0) мағлуб шуда буд.

Бозиҳои оянда “Истиқлол” дар Лигаи дуюми чемпионҳои Осиё дар сафар бо “Ал-Ваҳдат” ва “Шарҷа”, дар Душанбе “Сипоҳон” аст. Дар бозии дигари ин гурӯҳ «Шарҷа» бо ҳисоби 3:1 «Сипоҳон»-ро мағлуб кард. “Истиқлол” ҳоло бидуни имтиёз ва ягон гол дар зинаи охир аст. “Шарҷа” бо 7 имтиёз дар зинаи аввал ва “Ал-Ваҳдат” ҳам бо ҳамин имтиёз ва таносуби тӯбҳо дар зинаи дуюм аст. “Сипоҳон” бо 3 имтиёз дар зинаи сеюм қарор дорад.

ФУТЗАЛ

# СУПЕРЛИГАИ ТОҶИКИСТОН БО ШИРКАТИ 9 ДАСТА ОҒОЗ ШУД

**Мавсими нави Суперлигаи футзали Тоҷикистон-2024, ки дар он 9 даста ширкат мекунанд, 19-уми октябр оғоз шуд.**

Дар мавсими нави Лигаи касбии футзали кишвар 9 даста - «Соро компания», «Истиқлол», «Пойтахт», «Амонатбонк», «Сомон» (ҳама аз Душанбе), «Сипар», «Хуҷанд» (ҳарду аз Хуҷанд), «Истаравшан» (Истаравшан) ва «Регар» (Турсунзода) иштирок мекунанд.

Дастаҳои нави Суперлига «Сомон» аз Донишгоҳи миллӣ ва «Хуҷанд» аз клуби футболи «Хуҷанд» ҳастанд. Дастаи «Сипар», ки мавсими гузашта ширкат накарда буд, ба мусобиқа баргашт. Дастаи «Самандар» аз шаҳри Турсунзода тағйири ном карда, «Регар» ном гирифтааст.

Дар даври аввал «Соро компания» бо ҳисоби 6:2 дастаи «Амонатбонк»-ро шикаст дод. Дастаи «Пойтахт» аз дастаи «Хуҷанд» бо ҳисоби 1:4 мағлуб шуд. «Истаравшан» бо ҳисоби 5:2 бар «Сипар» ғолиб омад. «Истиқлол» дастаи «Сомон»-ро бо ҳисоби 5:0 мағлуб кард.




ФУТБОЛ

# УСМОН ТОШЕВ САРМУРАББИИ ТИМИ МИЛЛИИ АФҒОНИСТОН ТАЪЙИН ШУД




**Собиқ сармураббии дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон, мутахассиси бухорой Усмон Тошев тими миллии футболи Афғонистонро раҳбарӣ мекунад,- хабар медиҳад ToloNews.**

Усмон Тошев, ки дар солҳои 2018-2021 дар вазифаи сармураббии дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон кор мекард, ба ҳайси сармураббии тими миллии Афғонистон ба кор шурӯъ кард. Ба иттилои манбаъ, ҷонибҳо барои 1 сол шартнома ба имзо расониданд. Дар ин бора дар нишасти матбуотие, ки чанд рӯз пеш дар Кобул баргузор шуд, хабар дода шуд.

Усмон Тошеви 59-сола тӯли фаъолияти футболиаш дар бошгоҳҳои “Нурафшони Бухоро”, “Зарафшон”, “Пахтакор”, “Солнок” (Маҷористон), «Кератсинӣ» (Юнон) ва тими миллии Ӯзбекистон бозӣ карда, дар дастаҳои “Бухоро” ва «Насаф» мураббӣ будааст. Ӯ солҳои 2018-2020 ба ҳайси сармураббии тими олимпии Тоҷикистон низ кор кардааст. Тошев то ин дам дар вазифаи сардори шуъбаи дастаҳои мунтахаби Ассотсиатсияи футболи Ӯзбекистон кор мекард.

Дастаи мунтахаби футболи Афғонистон дар раддабандии FIFA дар зинаи 152-юм қарор дорад.

РЕЗААХБОР




Чанде пеш дар мусобиқаи Open FC 47 дар Санкт-Петербург размандаи тоҷик Муҳибшо Гулобов (8-2) бо қарори якдилонаи доварон бар Никита Подковалников аз Русия (12-6) ғолиб омад ва унвони худро ҳифз кард. Камарбанди қаҳрамони Open FC дар ихтиёри муборизи тоҷик боқӣ монд. Ҳоло Гулобов 8 бурду 2 бохт, Подковалников 12 ғалаба ва 6 бохт доранд.

***

Дастаи мунтахаби бонувони Тоҷикистон (U-20) бо роҳбарии сармураббӣ Юсуф Рабиев омодагиҳоро ба даври аввали марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026 оғоз кард. Тим дар Ҷидда бо ҳамсолони худ аз Арабистони Саудӣ ду бозии дӯстона анҷом медиҳад. Ин вохӯриҳо рӯзҳои 25 ва 29-уми октябр баргузор мешаванд. Даври аввали марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026 байни дастаҳои занонаи то 20-сола аз 8 то 16-уми марти соли оянда баргузор мешавад.

***

Аз 23-юми октябр то 3-юми ноябр дар шаҳри Будваи Черногория Чемпионати ҷаҳонии бокс байни ҷавонон (U17-18) бо ширкати 660 муштзан аз 88 кишвар баргузор мегардад, ки дар он аз Тоҷикистон 9 варзишгар иштирок мекунанд. Инҳо Муинхуҷа Муминов (48 кг), Меҳроҷ Суфиҷонов (51 кг), Анӯшервон Фозилов (54 кг), Шодмеҳр Давлатов (57 кг), Дамир Мубайлихонов (60 кг), Руслан Ғафуров (63,5 кг), Муҳаммадсултон Султонов (67 кг), Баҳромбек Ҳотамов (71 кг) ва Зиёратшо Қосимов (75 кг) ҳастанд.

***

21-уми октябр дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-17) барои иштирок дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2025 дар гурӯҳи «J» ба Сингапур сафар кард. Наврасони Тоҷикистон бо ҳамсолонашон аз Гуам (23-юми октябр), Сингапур (25-уми октябр) ва Уммон (27-уми октябр) бозӣ мекунанд. То оғози мусобиқа наврасон бо дастаи Малайзия ду бозии санҷишӣ (2:1, 1:1) анҷом доданд.



## Лайкмонак

Модар мукотибаи телефонии духтарашро бо ҷавоне дида, ӯро сарзаниш мекунад:

- Ин бача кист? Дӯстдоштаат?

Духтар:

- Не.

Модар боз мепурсад:

- Дӯстат аст?

Духтар:

- Не.

Модар ба ғазаб омада:

- Пас, кӣ аст?

Духтар:

- Оча, ту намефаҳмӣ. Вай лайкмонаки ман аст.

## Шинос

Саидҷони хурдакак аз акояш хоҳиш мекунад:

- Аз очаам пул гир, шоколад мехарем.

Акояш дар ҷавоб:

- Худат пурсидан гир, охир модари ту ҳам ҳаст ку!

Бобоҷон дар ҷавоб:

- Модари ман ҳам ҳасту ту чанд сол бештар ӯро мешиносӣ.

## Хитой

Омӯзгор дар дарси география:

- Бачаҳо, Хитой аз мо дур ҷойгир шудааст?

- Дур нест, муаллима,- ҷавоб медиҳад талабае.

- Чаро чунин фикр дорӣ?,- мепурсад муаллима.

- Ба хонаи ҳамсояи мо ҳар рӯз як марди хитоӣ бо дучарха меояд, маълум мешавад, ки Хитой дур нест, муаллима!

## Захр

Марди ғамгине дар майкада бо сари хам нишаставу дар наздаш пиёлаи пур истодааст. Марди дигаре аз наздаш гузашта истода, аввал хуб ба ӯ зеҳн мемонаду баъд пиёлаашро ба даст гирифта, бо як нафас холӣ мекунад.

Мард ба қадаҳ нигариста, мегӯяд:

- Ин чӣ рӯзи сахт аст, Худоё! Аз кор ронда шудам, занам маро партофт, маъшуқаам ёри дигар ёфт, дар ин ҷо бошад, кадом аблаҳе захри пиёлаамро ҳам фурӯ бурд!

## Опера

Ду мард дар театри опера нишастаанд. Якеаш аз дуюмӣ мепурсад:

- Ба шумо сурудхонии зани ман писанд аст?

Марди дигарӣ:

- Бахшиш, шуморо намешунавам!

- Ба шумо сурудхонии зани ман писанд аст?

Мард мегӯяд:

- Бахшиш, шуморо намешунвам, ин занаки девона чунон аррос зада истодааст, ки гӯё хонааш месӯхта бошад!

Таҳияи
**Н.РАҶАБОВА**

## Якташа сахт гирифтам

- Чаро занатро сахт намегирӣ?,- пурсид Мундонӣ аз рафике ва таъкид кард:

- Ин қадар эрка накун, ки болои сарат мебарояд.

- Болои сар барояд, хуб, зери хок наравад, шуд,- гуфт дар посух он рафик.

- Ин чӣ харфе?,- пурсид Мундонӣ?

Рафиқ бо табассум гуфт:

- Якташа сахт гирифтам, мурд. Инашро эрка кардам.

## Фоҷиаи сарзамин

Дар шуъбаи нейрохирургии шаҳри Панҷакент дар ҳуҷраи кории доктор Нусратулло Юсуфбеков менишастем, ки нафаре ба эшон занг зада, хурсандона гуфт:

- Доктор, духтарчаи ман гринкорт бурид. Акнун ба Амрико меравад.

- Муборак шавад, шумо хурсанд бошед, мо ҳам хурсанд, аммо ин рафтанҳо фоҷиаи сарзамин аст,- гуфтанд доктор.

## Бахшиш

*(Аз нақли як ронанда)*

Мошинро бо суръати баланд ронда, ба роҳи калон мебаромадам, ки мошини пеш харакаткунанда якбора суст шуда, ба пиёдагарде роҳ доду мошини ман аз пушт ба он бархӯрд. Зуд пиёда шуда дидам, ки чароғакҳои он мошин шикаставу худи мошин каме пачақ шудааст. Чун соҳиби он мошин фаромад, илтимоскунон гуфтам:

- Ба БДА занг назан. Миёни худамон ҳал мекунем. Пули зиёни расонидаамро ҷуброн мекунам.

Ронанда як ба мошини худаш ва як ба мошини ман нигариста, ғайричамдошти ман, гуфт:

- Чизе даркор нест. Худо нигаҳбонат бошад.

Ба ӯ миннатдорӣ кардаму ба роҳи худ идома додам. Дар гардиши дигар мошине аз пас ба мошини ман бархӯрд. Фаромадан баробар ронанда худро сарзанишкунон гуфт:

- Бубахш, ки якбора манъ карда натавонистам. Вақтам хеле танг асту имкони бахсу кашокашро надорам. Гап зан, чанд сум мешавад, пули зарарро пардохт мекунам.

Гуфтам:

- Чизе даркор нест, бирав, бахшидамат.

Ҳайрон шуда, пурсид:

- Чӣ хел? Ҷуброни зарар намехоҳӣ?

- Худи ҳозир ман як мошинро аз пушташ задам. Он ронанда маро бахшид, акнун ман туро мебахшам,- гуфтам дар посух.

- Ҳамин хел ҳам мешудааст-а?,- хайрон шуда гуфт ронанда,- акнун бояд ман эхтиёт кунам, ки боз ягон ронандаи дигар мошини маро назанад.

- Агар занад, бахшидан навбати ту!,- гуфтам бо ханда.

## Фақат ҷой надорам

Муллое зиндагии дарвешона дошт. На хона дошту на зан. Ҷойи хобаш масҷид буд. Рӯзе ба маконе дуохонӣ меравад ва ба зане ошиқ шуда, ӯро ба никоҳаш медарорад. Чун ҷойе барои зиндагии якҷоя надошт, занро ҳам ба масҷид меорад.

Имоми масҷид ӯро сарзанишкунон мегӯяд:

- Ту магар ақл надорӣ, фаросат надорӣ, инсоф надорӣ, имон надорӣ, ки занро ба масҷид меорӣ?

- Ҳамаи ин чизҳои гуфтаатро дорам, аммо ҷой надорам, ҷой,- мегӯяд мулло бо сари хам.



Холиқназар
**ҶУМЪАЗОДА**

## Сканворд

